# ЧАРО ДОВТАЛАБОН ДДМИТ-РО ИНТИХОБ МЕНАМОЯНД?

**Суҳбати ихтисосии сардори шуъбаи иттилоот ва нашрия Маҳмадалӣ Очилдиев бо ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобоҷон Сатторзода**

с. 8-9

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

Камоли одамӣ дар илм бошад

# Молия ва иқтисод

№ 3
(236) 25 феврали
соли 2026

Оғози нашр: 7. 03. 2013
www.tgfeu.tj

Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

## АРТИШИ МИЛЛӢ - СИПАРИ БОЭЪТИМОДИ ДАВЛАТ ВА КАФИЛИ СУЛҲУ СУБОТИ КИШВАР

**Ҳамоиши ҳарбӣ-ватандӯстие, ки рӯзи 20 феврали соли 2026 дар доираи нақша-чорабиниҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти унвони “Артиши миллӣ - сипари боэътимоди давлат ва кафили сулҳу суботи кишвар” бо иштироки муовини фармондеҳи Қӯшунҳои зудамал полковник Маҳмадизода Лоиқ ва муовини сардори шуъбаи интизоми ҳарбии раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон полковник Ҷӯразода Абдумаҷид Гулаҳмад доир гардид, ба Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуд.**

Пас аз садо додани Суруди миллӣ ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор чорабиниро ифтитоҳ бахшида, изҳор дошт, ки дар таърихи давлатдории миллатҳо падидаҳои нодире ба вуқуъ мепайванданд, ки омили худмуайяннамоии милливу давлатии онҳо мегарданд. Таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои миллати мо намунаи беназире аз чунин рӯйдодҳо ба шумор меравconfigured.

Мавсуф дар идомаи суханронии худ зикр намуд, ки таъсис ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи таҳкимбахши сулҳу суботи миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зич алоқаманд мебошад. Маҳз бо ташаббус ва роҳнамоии Сарвари давлати Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии таъсиси Артиши миллӣ фароҳам оварда шуда, нерӯҳои пароканда муттаҳид гардиданд, сохтори ягонаи идоракунии ҳарбӣ ва аввалин қисмҳои ҳарбии миллӣ таъсис ёфтанд.

Бо сарпарастии Пешвои миллат ба рушди заминаи моддию техникии Қувваҳои Мусаллаҳ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир гардида, дар ин замина, инфрасохтори ҳарбӣ тадриҷан таҷдид ва муассисаҳои таълимии ҳарбӣ таъсис ёфтанд. Марҳила ба марҳила сатҳи омодагии ҷангӣ ва касбии хизматчиёни ҳарбӣ баланд бардошта шуда, ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи амният ва мудофиа густариш ёфтанд. Аз ҳамон давра сохтори муназзами низомӣ тадриҷан ташаккул ёфт ва аз он сана ба баъд ҳамасола 23 феврал дар кишвари азизамон ба сифати Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ботантана ва эҳтироми хосса таҷлил мегардад. Ин сана дар таърихи давлатдории навини тоҷикон ҷойгоҳи муҳим дошта, рамзи қудрат, истиқлолият ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Бобоҷон Сатторзода аз роҳи пурпечутоб, вале пуршарафи таъсиёбӣ то ташаккулу такомули Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон хотиррасон гардида, афзуд, ки ҳарчанд ин нерӯ дар шароити душвор ташаккул ёфт, вале ҳамакнун ба яке аз сутунҳои асосии давлатдорӣ табдил ёфтааст. Таҷрибаи ташаккули он нишон медиҳад, ки танҳо ваҳдат, иродаи қавӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ метавонанд пояҳои амнияти давлатро устувор гардонанд. “Ин аст, ки имрӯз Қувваҳои Мусаллаҳ ба нерӯи муташаккил ва касбӣ табдил ёфта, дар таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи сарҳадоти давлатӣ ва мубориза бо таҳдидҳои замони муосир нақши муҳим мебозанд. Ин нерӯ кафили субот, сулҳ ва рушди устувори кишвар маҳсуб меёбад. Бинобар ин, таҷлил аз Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳ рамзи ҳифзи истиқлолият ва тамомияти арзии давлат, эҳтиром ба хизматчиёни ҳарбӣ, қадрдонӣ аз корнамоиҳои сарбозону афсарон ва тарбияи ҳисси ватандӯстӣ дар ҷомеа мебошад.”, - бо итминон изҳор дошт ректори ДДМИТ.



Муовини фармондеҳи Қӯшунҳои зудамали Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон полковник Маҳмадизода Лоиқ низ дар баромади хеш аз нақши таърихиву мондагори Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъсис ва ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон тавсиф намуда, афзуд, ки маҳз сиёсати хирадмандона, иродаи устувор ва талошҳои пайвастаи роҳбарияти давлат имкон дод, ки Артиши миллӣ аз марҳилаи ташаккули душвор гузашта, имрӯз ба нерӯи боэътимоди ҳифзи истиқлолият ва амнияти кишвар табдил ёбад.

Боиси сарафрозист, ки Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ба як нерӯи муташаккил, касбӣ ва муосир табдил ёфта, дар таъмини амнияти миллӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои замони муосир нақши калидӣ мебозанд. Ҳоло хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ мактаби ҷасорат, матонат, интизом ва садоқат ба арзишҳои миллӣ маҳсуб меёбад. Сарбозону афсарони тоҷик бо ҳисси баланди масъулият ва садоқат ба Савганди ҳарбӣ рисолати муқаддаси худ - ҳифзи истиқлолият, тамомияти арзӣ ва амнияти давлату ҷомеаро бо сарбаландӣ иҷро менамоянд.




Зикри ин нукта хеле муҳим аст, ки Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳ на танҳо иди касбии хизматчиёни ҳарбӣ, балки ҷашни тамоми мардуми кишвар мебошад. Зеро оромӣ, субот ва зиндагии осоиштаи ҷомеа маҳз аз шуҷоат ва фидокории ҳомиёни Ватан вобаста аст. Арҷгузорӣ ба хизматҳои сарбозону афсарони диловару шуҷои Ватан ва тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва иродаи қавӣ аз аҳамияти муҳими ин сана маҳсуб меёбад. “Имрӯз Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сипари боэътимоди давлат ва такягоҳи устувори сулҳу субот ба шумор мераванд. Хизмат дар сафи артиш нишонаи ҷасорат, матонат, садоқат ба Ватан ва эҳсоси баланди ватандӯстӣ мебошад”, - зикр кард дар хотимаи баромади худ Лоиқ Маҳмадизода.

Дар бахши дигари ҳамоиш барномаи фарҳангии фараҳбахшу дилнишини шуъбаи фарҳанги донишгоҳ таҳти роҳбарии Аълочии фарҳанги Тоҷикистон Ҷӯрамуроди Муҳаммадназар манзури аҳли толор гардид.

Дар фароварди чорабинӣ як қатор омӯзгорону кормандон ва меҳмонони ҳамоиш бо Ифтихорномаи ректори донишгоҳ сарафроз гардонида шуданд.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ**

## ДДМИТ-ДОНИШГОҲИ ДАР ТАЪЛИМОТИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД ПЕШСАФ

Камоли одамӣ дар илм бошад
Молия ва иқтисод
Оғози нашр: 7. 03. 2013
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муассис:**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор
*Ректор*

Мирсаидов Саидакмал Аврорович
*Муовини якум, муовини ректор оид ба таълим*

Муқимов Қутбиддин Мирзоҷонович
*Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия*

Ғаффорова Шаҳноза Абдуҷабборовна
*Муовини ректор оид ба тарбия*

Ғафуров Парвиз Ҷурахонович
*Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ*

Муродзода Диловаршо Абдулхайр
*Муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва маъмурию хоҷагӣ*

**САРДОРИ ШУЪБАИ ИТТИЛООТ ВА НАШРИЯ:**
Очилдиев Маҳмадалӣ Мақсадуллоевич
m_mahmadali@mail.ru
934288855

**САРМУҲАРРИР:**
Ҷобиров Наврӯз Мирзомуродович
Navruz89.vahdat@mail.ru
907515243

**МУХБИРИ СУРАТГИР:**
Тағоймурод Эшов

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №502/РЗ-97 аз 12 майи соли 2025 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14

**Тавзеҳ:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Arial Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ мутолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

www.tgfeu.tj

Телефон: 934288855, 907515243

Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.
Теъдоди нашр 3000
Нархаш шартномавӣ

# ДДМИТ - ДОНИШГОҲИ ДАР ТАЪЛИМОТИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД ПЕШСАФ



Тавассути сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарору қонунҳои бунёдии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи паҳлуҳои ҷомеа рӯ ба пешравӣ оварда, ватани соҳибистиқлоли мо ба майдони бунёдкориҳо табдил ёфтааст. Дар чунин марҳилаи созандагӣ ва тармими ҳаёти воқеии шаҳрвандони кишвари азизамон масъалаи мактабу маориф ва дар ин поя дастрасӣ ба технологияи пешрафти муосир, тибқи талаботи меъёрҳои стандарти байналмилалӣ тайёр намудани мутахассисони соҳибхтисос, огоҳии комил аз асрори кашфиёти илми ҷаҳонӣ ва дар ин росто таъмин намудани рушди босуръати Ватани маҳбубамон аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Дар ин замина муассисаҳои олии таълимии замони муосир на танҳо ба омода намудани мутахассисони ҳирфаӣ муваззафанд, балки ҳамчунин масъули таъмини рушди иқтисодиёт, саноат, илм ва воситаҳои фарҳангу иҷтимоиёт низ мебошанд.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон зодаи даврони Истиқлолият буда, 30 сол боз мутахассисони баландихтисоси касбиро ба бозори меҳнат мебарорад. Имрӯз ДДМИТ ба пойгоҳи пуриқтидори омодасозандаи барномаҳои инноватсионӣ, ҳамкории байналмилалӣ, тадқиқоти илмӣ ва ҳаёти фаъолу пурмуҳтавои донишҷӯён табдил ёфтааст. Донишгоҳ мутахассисонеро тарбия мекунад, ки қобилияти пешравӣ ва рушд бахшидани ояндаи кишварамонро доранд.

Барномаҳои таълимӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд. Донишҷӯён таълими замонавиро дарёфт менамоянд, ки ба талаботи соҳаи иқтисод, молия ва идоракунӣ мутобиқ мебошад.

Дар ДДМИТ омӯзгорон ва коршиносони амалӣ бо таҷрибаи кор дар сохторҳои давлатӣ, соҳаи соҳибкорӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ сатҳи баланди омодагии донишҷӯёнро таъмин мекунанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ташаккули заминаи хуби техникӣ, захираи кофии кадрҳои соҳибунвон ва имконияти дар сатҳи баланд тайёр намудани мутахассисони соҳаи илму таълим ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи молия, бонкдорӣ ва соҳаҳои гуногуни иқтисодии кишварамон ба он такя менамояд.

Донишгоҳ дар давраи фаъолияти пурсамари худ ба натиҷаҳои назаррас ноил шуда, тавассути меҳнати софдилонаи устодону кормандон ва дастовардҳои донишҷӯёну магистрон ба яке аз муассисаҳои пуриқтидори соҳавии таҳсилоти олии касбии кишвар мубаддал гардида, мувофиқи рейтинги соҳа ба чоргонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошад. Донишгоҳ бо назардошти иқтидори кадрӣ ва илмию таълимӣ иштирокчии фаъоли низоми илму маориф буда, маркази муосири омодакунии кадрҳои баландихтисос ба ҳисоб меравад. Таъминоти мукаммали раванди таълим бо омӯзгорони касбӣ, маводи зарурӣ, инфрасохтори инкишофёфтаи таълимӣ, моддию техникӣ ва фароҳамсозии муҳити мусоид имконият медиҳанд, ки нуфузу эътибори донишгоҳ тақвият ёфта, дар ҳалли масъалаҳои мубрами соҳа мавқеи мустаҳкамро касб кунад.

Дар донишгоҳ барои таълими касбӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои муосири информатсионию комуникатсионӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шуда, аудиторияҳои таълимӣ, синфхонаҳои лингофонӣ, озмоишгоҳҳои компютерӣ, толори китобхонаи илмӣ ва дигар таҷҳизоти моддиву техникӣ бо воситаҳои аёнӣ, технологияву дастгоҳҳои замонавӣ ва моноблокҳои муосир муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Қобили қайд аст, ки шароити мусоиди таҳсил ва кору фаъолият дар пасманзари сиёсати хирадмандона ва маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фароҳам оварда шуда, ҳайати профессориву омӯзгорӣ ва донишҷӯёни ДДМИТ якдилона ва содиқонаву самимона дар татбиқи ҳамин сиёсат саҳмгузор мебошанд.

Қобили қайд аст, ки дастовардҳои донишгоҳ ва мақоми он аз ҷониби ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ мусбат арзёбӣ мегарданд. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо нишондиҳандаҳои баланд дар рӯйхати беҳтарин донишгоҳҳои Тоҷикистон аз рӯйи рейтинги Webometrics Ranking of World Universities (Мадрид, Испания) дар ҷойи сеюм қарор гирифт.

Ҳамасола донишгоҳ дар Рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда мешавад, мақоми 4-умро устувор нигоҳ медорад.

Айни замон дар ДДМИТ 7 факултет, 29 кафедра фаъолият намуда, аз рӯйи 60 ихтисос мутахассисони соҳаи молия, иқтисод, андоз, гумрук, технологияҳои иттилоотиву инноватсионӣ, коммуникатсионӣ ва ҳуқуқи иқтисодиро омода менамоянд.

Илова ба таҳсилоти зинаи бакалавриат, донишгоҳ ҳамчунин, дар зинаҳои магистратура ва докторантура (PhD) низ мутахассис омода мекунад. Дар ин самт шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ ва кафедраҳои тахассусӣ муваззаф гардидаанд.

Дар донишгоҳ шӯрои диссертатсионӣ амал мекунад. Ба шӯрои диссертатсионӣ ваколати қабул ва баррасии диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм иҷозат дода шуд. Саҳми шӯрои диссертатсионӣ дар таъмини кадрҳои илмӣ дар донишгоҳ бениҳоят назаррас аст.

Муносибатҳои байналмилалии донишгоҳ бо 160 муассисаи таълимии таҳсилоти олии хориҷаи дуру наздик густариш ёфта, оид ба табодули донишҷӯёну устодон шартномаҳои дутарафа ба имзо расонида шудаанд. Айни замон дар донишгоҳ шаҳрвандони 7 давлати хориҷӣ (Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Туркманистон, Ҷумҳурии Афғонистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Федератсияи Россия) таҳсил мекунанд. Ҳамасола устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ ба кишварҳои хориҷӣ сафар намуда, дар чорабиниҳои гуногуни илмию омӯзишӣ ва озмуну олимпиадаҳо иштирок менамоянд.

Донишгоҳ ба ҳайси муассис ва баргузоркунандаи озмунҳои ҷумҳуриявии «Беҳтарин донандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Беҳтарин донандаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномасози беҳтарин» ва аввалин маротиба олимпиадаи ҷумҳуриявии “Маърифат ва амнияти молиявӣ” миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ эътироф гардидааст.

Устодону донишҷӯёни донишгоҳ ба корҳои илмию ихтироотӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, илмро ба истеҳсолот ва таҷриба алоқаманд месозанд.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон чун макони илму дониш ва маърифат дар самти омодасозии кадрҳои баландихтисос дар пешрафти самтҳои асосии молиявию иқтисодии мамлакат ҳиссагузорӣ менамояд. Дар донишгоҳ тамоми шароитҳои зарурӣ барои илмомӯзӣ баҳри донишҷӯён муҳайё буда, синфхонаҳо бо таҷҳизоти наву замонавӣ таъмин мебошанд. Мутахассисоне, ки донишгоҳ дар тӯли фаъолияти худ омода менамояд, имрӯзҳо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, хизмати давлатӣ, илму маориф фаъолият намуда, аксари онҳо намояндагони муваффақи олами тиҷорат ва соҳибкорӣ мебошанд. Донишгоҳ иштирокчии фаъоли муносибатҳои ҷамъиятӣ, маркази бузурги омодакунии мутахассисони баландихтисоси соҳаи молия, иқтисод ва кадрҳои илмию педагогӣ ба ҳисоб меравад.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ**

# РӮЗИ ДАРҲОИ КУШОД ДАР ДДМИТ

Бо мақсади ҷалби бештари довталабон ва муаррифии донишгоҳ санаи 23-уми феврали соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон чорабинии «Рӯзҳои дарҳои кушод» доир гардид. Дар он хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 28, 50, 56, 80, 87, 91 ва 99-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ташриф оварда, бо шарту шароити таҳсил шинос шуданд.

Ҳангоми боздид довталабон аз факултетҳо, синфхонаҳои электронӣ ва лингофонӣ, толорҳои конфронсӣ, китобхона, хобгоҳҳо ва толорҳои варзишиву фарҳангӣ боздид намуданд.

Дар даромадгоҳи бинои асосии донишгоҳ гӯшаи махсуси тарғиботӣ насб карда шуд, ки аз он довталабон маълумоти зарурӣро вобаста ба ихтисосҳои мавҷуда метавонанд гиранд. Тибқи нақша, дар соли таҳсили 2026-2027 донишгоҳ аз рӯйи 60 ихтисос довталабонро қабул мекунад. Таҳсил дар шаклҳои рӯзона ва фосилавӣ аз рӯи дараҷаи бакалавр, магистр, доктор аз рӯи ихтисос PhD ва маълумоти дуюми олӣ роҳандозӣ гардидааст.



Бояд қайд кард, ки айни замон дар ДДМИТ 7 факултет, 20 кафедраи тахассусӣ ва 8 кафедраи умумидонишгоҳӣ амал намуда, ДДМИТ байни 48 муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ мақоми 4-умро касб намудааст.

Қобили зикр аст, ки имрӯз донишгоҳ аз рӯи ихтисосҳое мутахассис омода месозад, ки бозори меҳнат воқеан ба чунин мутахассисон ниёз дорад. Ин аст, ки тамоми садорати факултетҳо барои муаррифӣ кардани донишгоҳ ва ихтисосҳои омоданамудаи худ дастоварду комёбиҳояшонро дар самтҳои илм ва инноватсия, таълим, тарбия ва варзиш ба маърази тамошои донишҷӯёни оянда гузошта, оид ба ҳар як ихтисос ба довталабон гӯшаи махсус таъсис ёфтааст.

Ба довталабон варақа ва шумораи махсуси таблиғотии рӯзномаи донишгоҳии «Молия ва иқтисод», ки муаррифгари ихтисосҳои роиҷи он аст, тақдим карда шуд.

Бино ба иттилои котиби раиси комиссияи қабули ДДМИТ Хуршед Насриддинов, имсол рӯзҳои дарҳои кушод дар донишгоҳ аз санаи 23-уми феврал оғоз ёфта, то санаи 27-уми феврали соли 2026 идома меёбад.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# ТАШРИФИ НАМОЯНДАГОНИ ДОНИШКАДАИ ТАҲСИЛОТИ ДОИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БУРЯТИИ БА НОМИ ДОРҶӢ БАНЗАРОВ БА ДДМИТ

Рӯзи 3-юми феврали соли 2026 намояндагони Донишкадаи таҳсилоти доимии Донишгоҳи давлатии Бурятия ба номи Дорҷӣ Банзарови Федератсияи Россия дар ҳайати Д. Тсиренов, муовини директори донишкада ва Н. Богодухов, мутахассиси "Маркази хизматрасониҳои молиявӣ" ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ташриф оварданд.



Меҳмононро ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор ва муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Мирсаидов Саидакмал Аврорович ба ҳузур пазируфтанд.

Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо ба муносибатҳои дӯстонаи байни муассисаҳои таҳсилотии Тоҷикистону Россия ва нақши ҳамкориҳои дуҷониба дар рушди илму маориф таъкид карданд.

Инчунин, зимни вохӯрӣ масоили мубрами ҳамкориҳо, аз ҷумла рушди табодули академии донишҷӯёну омӯзгорон, ташкили таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисоси ҳайати профессориву омӯзгорӣ, ҷалби мутахассисон барои баргузории машғулиятҳо ва семинарҳои омӯзишӣ, татбиқи лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, татбиқи барномаҳои инноватсионӣ ва рақамсозии раванди таҳсил мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Меҳмонон ҳангоми ошноӣ бо инфрасохтор аз имкониятҳои таълимӣ ва шароити техникию методии ДДМИТ изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид карданд, ки донишгоҳ дорои захираҳои зарурӣ барои пешбурди барномаҳои муосири таълимӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад.

**Шуъбаи робитаҳои байналмилалии ДДМИТ**

# ДАРСҲОИ УСТОДОНИ ХОРИҶӢ ДАР ДОИРАИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ «ПРОФЕССОРИ ДАЪВАТӢ»

Ҳафтаи дуюм аст, ки ба ДДМИТ намояндагони Донишкадаи таҳсилоти доимии Донишгоҳи давлатии Бурятия ба номи Дорҷӣ Банзарови Федератсияи Россия дар ҳайати Д. Тсиренов, муовини директори донишкада ва Н. Богодухов, мутахассиси "Маркази хизматрасониҳои молиявӣ" ташриф овардаанд.



Лозим ба ёдоварист, ки Н. Богодухов 26 январи соли ҷорӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди донишгоҳ бо сари баланд рисолаи номзадии худро ҳимоя намуд.

Санаи 3-юми феврали соли 2026, пас аз вохӯрӣ бо ректори ДДМИТ Бобоҷон Сатторзода, мутахассисони даъватшуда аз Федератсияи Россия ба донишҷӯёни курсҳои чоруми ихтисосҳои 1-25010407 - молия ва қарз дар фаъолияти иқтисодиёти берунаи факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ (гурӯҳҳои тоҷикӣ ва русӣ), 1-25010300 - иқтисодиёти ҷаҳон (гурӯҳи англисӣ) ва 1-25010410 - менеҷменти молиявӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ дарс гузаштанд.



Дар идома, барои ҳайати устодону донишҷӯёни факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ аз тарафи коршиноси Дастгоҳи марказии ҶСК «Сбербанк России» оид ба масоили технологияҳои молиявӣ (fintech) Н. Богодухов мастер-класс оид ба тарзи дурусти истифодаи зеҳни сунъӣ, маҳорати кор бо барномаҳои Чат-GPT, DeepSeek, Gemini гузаронида шуд. Дар ҷараёни баргузории дарс ва мастер-класс устодон ва донишҷӯёни факултет фаъолона ширкат варзида, зимни саволу ҷавоб ва музокира сатҳи огоҳии худро аз мавзуоти матраҳшаванда ва ҳамзамон, сатҳи забондонии худро маълум карданд.

Пас аз ҷамъбасти мастер-класс аз тарафи садорати факултет "Сипосномаи ректори ДДМИТ" ба меҳмонон тақдим карда шуд.

Пурсиши кӯтоҳе, ки байни донишҷӯён аз тарафи устодони кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ анҷом дода шуд, маълум кард, ки чунин тарзи баргузории дарсҳо ба шогирдон бениҳоят писанд омадааст. Бояд қайд намуд, ки мутахассисони хориҷӣ аз ҳозирҷавобӣ, забондонӣ ва одоби муоширати донишҷӯёни факултет изҳори қаноатмандӣ намуда, онҳоро барои идома додани таҳсил дар зинаи магистратура ба Донишкадаи таҳсилоти доимии Донишгоҳи давлатии Бурятия ба номи Дорҷӣ Банзаров даъват намуданд.

**Фаридулло УБАЙДУЛЛОЕВ,**
**мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ**



# КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ИБТИДОИИ «МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД» АЗ БЕҲТАРИНҲО ДОНИСТА ШУД

Санаи 30-юми январи соли 2026 маҷлиси васеи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе доир гардид.

Зимни баргузории ҷаласа роҳбарони кумитаву ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, аъзоёни фаъол, намояндагони Ташкилоти ҷамъиятии «Ҷавонон - созандагони Ватан» вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он ширкат варзиданд.

Ибтидо фаъолияти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе натиҷагирӣ карда шуд.

Ҳамчунин дар ин маҷлис кумитаву ташкилотҳои ибтидоии фаъоли ҳизбӣ, фаъолони ҳизб қадрдонӣ гардиданд.

Кумитаи иҷроияи ибтидоии «Молия ва иқтисод»-и ҲХДТ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дар озмуни умумишаҳрии ҳизбӣ аз рӯи номинатсияи "Кумитаи иҷроияи ибтидоии фаъол", ки бахшида ба "Соли 2025 - соли тақвияти корҳои дохилиҳизбӣ дар шаҳри Душанбе" доир гардид, ширкат варзида, ғолиби ҷойи аввал дониста шуд.

Ҷоиза ва тухфаҳои хотиравии озмун зимни баргузории ин маҷлиси тантанавӣ аз ҷониби Маликшо Неъматзода - муовини якуми Раиси ҲХДТ, Одилзода Дилбар Раҳим, муовини Раиси шаҳри Душанбе ва Абдураҳим Шоҳиён - раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе ба Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор - раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии «Молия ва иқтисод»-и ҲХДТ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе тақдим гардид.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

# БАЛАНД АСТ АЗ ФАЛАК ШОНИ МУАЛЛИМ...



Аслон Ҳомидов, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи ДДМИТ, ки умри пурбаракати хешро сарфи илму омӯзишу таълим намудааст, 80-сола шуд.

Ба ин муносибат, 28-уми январи соли равон дар ҷаласаи раёсат, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор ба устод Аслон Ҳомидов Ифтихорномаи Кумитаи муттаҳидаи иттифоқҳои касабаро супорида, ӯро ба ин санаи муборак табрик карда, барояш дар фаъолияти минбаъдаи омӯзгорӣ, эҷодӣ ва кору зиндагӣ барору муваффақият таманно намуд.

Ба андешаи ректор, "омӯзгори муваффақ ҳамонест, ки мисли Аслон Ҳомидов шогирдонашро ҳамчун фарзанди хеш мешуморад ва ба онҳо дилсӯзона, серталабона ва меҳрубонона рафтор мекунад".

Дар ҷавоб Аслон Ҳомидов барои дастгириҳои ҳамешагӣ ба роҳбарияти донишгоҳ ва ҳайати устодон миннатдорӣ баён карда, иброз дошт, ки дар тули 80 сол ман хазинаи муайяни илму маърифатро ҷамъ оварда, ин имкониятро танҳо барои насли ҷавон ва рушду равнақи илму маърифати диёри азизам мавриди истифода қарор хоҳам дод.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

# БАРРАСИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ДДМИТ ЗИМНИ НИШАСТИ МАТБУОТӢ

**Санаи 2-юми феврали соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон нишасти матбуотӣ баргузор шуд, ки дар он намояндагони рӯзномаю маҷаллаҳо, шабакаҳои иттилоотӣ, телевизион ва радио, аз ҷумла «Ҷаҳоннамо», «Сафина», «Илм ва табиат», Радиои «Тоҷикистон», АМИТ «Ховар», «Овози тоҷик», «Имрӯз», «Ҳамсадо», «Садои Душанбе», «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Паёми Душанбе», «Набзи Душанбе», «Мароми пойтахт», «Фараҳ», «Омӯзгор», «Oila.tj», «Dialog.tj», «Время и деньги», «Ба қуллаҳои дониш», «Фановар» ва рӯзноманигорони мустақил, ҷамъ 30 нафар ширкат варзиданд.**



Ректори ДДМИТ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор аз ҳамкорӣ бо намояндагони васоити ахбори омма ҷиҳати амалисозии сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати мамлакат арзи сипос намуда, бо боварии том иброз дошт, ки ҳамкориҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо намояндагони васоити ахбори омма дар оянда низ идома ёфта, ҷиҳати ноил гардидани донишгоҳ ба дастовардҳои сазовор дар самти омода намудани мутахассисони дорои малакаю маҳорати касбӣ мусоидат менамояд.

Бобоҷон Сатторзода, инчунин дарҷ намуд, ки ДДМИТ фаъолияти худро соли 2025 дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, вобаста ба самтҳои таълим, илм, инноватсия, робитаҳои байналмилалӣ, корҳои ташкиливу тарбиявӣ, инчунин, тавсеаи базаи моддию техникӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст, ки бо иси ташаккули нуфузу эътибори донишгоҳ шудааст:

- аз ҷумла, дар рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ сазовори ҷойи 4-ум гардидан, 83 нафар устоди донишгоҳ аз омӯзиш ва такмили ихтисос дар дохил ва хориҷи кишвар гузаштан, 3 ҳимояи рисолаи докторӣ ва 9 рисолаи номзадӣ, гузаштани ҳама ихтисосҳои донишгоҳ аз аккредитатсияи институтсионалии байналмилалӣ, соҳиби сертификат барои 5 соли оянда гардидани донишгоҳ, таъсиси 1 факултет, 4 кафедра, 15 ихтисоси нави ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй, таҳия ва қабули «Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030» аз дастовардҳои назаррасаи донишгоҳ ба шумор меравад, - гуфт ректор.

Зикр гардид, ки робитаҳои байналмилалӣ низ тавсеа ёфтаанд: донишгоҳ бо зиёда аз 160 муассиса ва ташкилоти хориҷӣ ва дохилӣ ҳамкорӣ дорад, ки аз ин шумора 8 шартнома соли 2025 ба имзо расидааст. Дар ин давра 15 устод дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ширкат варзиданд, 18 донишҷӯ барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода шуданд ва 15 устоди хориҷӣ дар доираи барномаи «Профессори даъватӣ» ба донишҷӯёни ДДМИТ лексия пешниҳод намуданд.

Дар идома ректор ба саволҳои намояндагони ВАО дар мавриди мақоми омӯзгор, шароити таҳсили донишҷӯёни хориҷӣ, имтиёзҳои таҳсил, ҳавасмандгардонии донишҷӯёни фаъол, шароити моддию маишии омӯзгорон ва ҷобаҷогузории хатмкунандагон ҷавобҳои мушаххас пешниҳод кард.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# БОЗТОБИ НИШАСТИ МАТБУОТИИ

## СОЛИ 2025 ДАР ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН 15 ИХТИСОСИ НАВ ТАЪСИС ЁФТ

Соли 2025 дар донишгоҳ 15 ихтисоси нав таъсис дода шуда, нақшаи нави таълим ва барномаҳои нави таҳсилотии ба талаботи стандартҳои замони муосир ҷавобгӯ таҳия гардид, ки ҳоло мавриди амал қарор доранд. Дар ин хусус 2 феврал ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобоҷон Сатторзода зимни нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон иттилоъ дод.

Бобоҷон Сатторзода иброз дошт, ки айни замон дар донишгоҳ 7 факултет, 21 кафедраи тахассусӣ ва 8 кафедраи умумидонишгоҳӣ фаъолият намуда, аз рӯйи самтҳои гуногун мутахассисони соҳаи молия, андоз, бонкдорӣ, иқтисод, технологияҳои инноватсионию коммуникатсионӣ ва ҳуқуқи иқтисодӣ омода менамоянд.

Масъалаи тақсимот ва бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон мавриди назари доимии раёсати донишгоҳ қарор дошта, ҳамасола аз 60 то 65 фоизи онҳо бо ҷойи кор таъмин карда мешаванд.

«Соли 2025 дар доираи Барномаи мубодилаи донишҷӯён 18 донишҷӯ ба Русия, Беларус ва Қазоқистон барои таҳсил равона карда шуданд. Айни замон дар донишгоҳ 140 донишҷӯ аз Узбекистон, Қазоқистон, Чин ва Русия таҳсил менамоянд», - гуфт ректори донишгоҳ.

**Раъно НУСРАТУЛЛО,**
**АМИТ «Ховар»**

## ОЗМУНҲОИ ҶУМҲУРИЯВӢ БО МУКОФОТҲОИ ПУЛӢ: ТАШАББУСИ НАВИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД ДАР СОЛИ 2025

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2025 ташаббускор ва ташкилкунандаи як қатор озмунҳо ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар гардид.

Аз ҷумла, дар доираи ин иқдом озмунҳои «Беҳтарин дондани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Беҳтарин донандаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Беҳтарин барномасоз», инчунин бори аввал олимпиадаи ҷумҳуриявии «Маърифат ва амнияти молиявӣ» баргузор мегарданд.

Зикр мегардад, ки инчунин нафароне, ки сазовори ҷойҳои намоён мегарданд, соҳиби мукофотҳои пулӣ, ки аз 3000 сомонӣ шуруъ мешавад.

Ҳадафи баргузории ин озмунҳо баланд бардоштани сатҳи донишу маърифати ҳуқуқӣ, молиявӣ ва рақамии донишҷӯён, инчунин рушди тафаккури касбӣ ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир мебошад.

Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобоҷон Сатторзода зимни нишасти матбуотӣ иброз дошт, ки роҳбарияти донишгоҳ ба масъалаи дастгирии донишҷӯён таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Ба гуфтаи ӯ, дар самти фароҳам овардани имтиёзҳо, инчунин дастгирии иҷтимоии донишҷӯёни ниёзманд тадбирҳои мушаххас амалӣ мегарданд. Таъкид шуд, ки чунин иқдомҳо ба беҳтар шудани шароити таҳсил, баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи донишҷӯён ва омода намудани мутахассисони рақобатпазир мусоидат менамоянд.

**Агентии иттилоотии "Ҳамсадо"**

## 18 ДОНИШҶӮЙИ ДДМИТ БА ДОНИШГОҲҲОИ ХОРИҶӢ ФИРИСТОДА ШУДААНД

**Фирӯза САТТОРӢ**

Муносибатҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо донишгоҳҳои хориҷӣ торафт вусъат меёбанд. Аз ҷумла, 18 нафар донишҷӯи ин донишгоҳ дар соли 2025 ба донишгоҳҳои хориҷӣ фиристода шуда, 15 нафар устодони хориҷӣ тибқи барномаи "Профессори даъватӣ" ба донишҷӯён ва устодони ин донишгоҳ лексияҳои худро пешниҳод намудаанд. Дар ин бора 2 феврал зимни нишасти матбуотӣ ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор маълумот дод. Ректор гуфт, ки "соли 2025 дар донишгоҳ 15 ихтисоси бакалаври шакли таҳсили рӯзона, 7 ихтисоси таҳсилоти фосилавӣ, 5 ихтисоси магистратура ва 2 ихтисоси доктори фалсафа таъсис дода шуда, нақшаи нави таълим ва барномаҳои таълимии ба стандартҳои замони муосир ҷавобгӯй таҳия гардиданд. Айни замон донишгоҳ аз рӯйи 60 ихтисос мутахассисони самти молия ва иқтисодро омода месозад".

**https://oila.tj/**

## СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ДДМИТ ТО СОЛИ 2030 ТАСДИҚ ШУД

Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030 таҳия ва тасдиқ гардид. Дар он афзалият ва самтҳои асосии рушди донишгоҳ барои давраи миёнамуҳлат муайян шудаанд.

Дар ин бора 2 феврал ректори донишгоҳ Бобоҷон Сатторзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.

Ба иттилои ӯ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ҳамасола аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, мақоми 4-умро устувор нигоҳ доштааст.

Бо мақсади такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандон, омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, донишгоҳ бо як қатор муассисаҳои таълимии хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ шартномаҳои ҳамкорӣ дорад. Айни ҳол дар самти робитаҳои байналмилалӣ 160 шартномаи ҳамкорӣ амал мекунад, ки аз ин 8 ададаш дар соли 2025 ба имзо расидааст.

Ёдовар мешавем, ки ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи 60 ихтисос мутахассисони соҳаи молия ва иқтисодро омода менамояд.

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
**“Тоҷикистон” № 5 (1670) 2026**
**www.pressa.tj**

Донишгоҳ дар рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мавқеи 4-умро устувор нигоҳ дошта, робитаҳои байналмилалии худро густариш дод. Айни замон 160 шартномаи ҳамкорӣ бо муассисаҳои хориҷӣ амал мекунад, ки 8-тои он дар соли 2025 ба имзо расидааст.

**Таҳияи Меҳрони КУРБОН,**
**хабарнигори АМИТ «Ховар»**
**ва Радиои «Ховар»**

# ДДМИТ ДАР РАСОНАҲО

## ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2025 БАЯКҚАТОР ДАСТОВАРДҲОИ НАЗАРРАС НОИЛ ГАРДИДАНД!

Соли 2025 донишҷӯён ва магистрантони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» ва «Магистранти сол» иштирок намуда, аз рӯи номинатсияи «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» барандаи ҷои дуюм ва аз рӯи номинатсияи «Магистранти сол - 2025» сазовори ҷойи дуюм шуданд.

Ҳамчунин соли 2025 Абдуназаров Дилшод низ донишҷӯйи курси 1-уми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар даври шаҳрии озмуни «Илм - фурӯғи маърифат» соҳиби ҷойи якум аз рӯйи номинатсияи география гардида, дар даври ҷумҳуриявии озмун сазовори ҷойи дуюм гардид. Инчунин, дар даври шаҳрии озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Холиқзода Эҳсон сазовори ҷойи сеюм гардида, ба даври ҷумҳуриявӣ низ роҳ ёфта буд.

Маврид ба тазаккур аст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2025 ҷиҳати татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти худро дар самтҳои таълим, илм, инноватсия ва рушди инфрасохтор самаранок ба роҳ монда, ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Тавре дар нишасти матбуотӣ Бобоҷон Сатторзода - ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иброз доштанд, дар ин давра донишгоҳ аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 5 соли оянда аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта, соҳиби шаҳодатномаи давлатӣ гардид. Ҳамчунин, «Стратегияи рушди ДДМИТ барои солҳои 2025–2030» таҳия ва тасдиқ шуд.

## ДАСТОВАРДҲОИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2025

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2025 ҷиҳати татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти худро дар самтҳои таълим, илм, инноватсия ва рушди инфрасохтор самаранок ба роҳ монда, ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Тавре Бобоҷон Сатторзода - ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар нишасти хабарӣ иброз доштанд, дар ин давра донишгоҳ аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 5 соли оянда аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта, соҳиби шаҳодатнома гардид. Ҳамчунин, «Стратегияи рушди ДДМИТ барои солҳои 2025–2030» таҳия ва тасдиқ шуд.

Донишгоҳ дар рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мавқеи 4-умро устувор нигоҳ дошта, робитаҳои байналмилалии худро густариш дод. Айни замон 160 шартномаи ҳамкорӣ бо муассисаҳои хориҷӣ амал мекунад, ки 8-тои он дар соли 2025 ба имзо расидааст.

Соли ҳисоботӣ дар донишгоҳ ихтисосҳои нави бакалавр, магистратура ва зинаи PhD таъсис дода шуда, шумораи умумии ихтисосҳо ба 60 расид.

**- Шукрона НАСРИДДИНЗОДА,**
**“Садои Душанбе”**

## ТАЪСИСИ ИХТИСОСҲОИ НАВ

- Соли 2025 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон як қатор ихтисосҳои нав, аз ҷумла, 15 ихтисоси ба калаври шакли таҳсили рӯзона, 7 ихтисоси таҳсилоти фосилавӣ, 5 ихтисоси магистратура ва 2 ихтисоси доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос таъсис дода шуданд. Ҳамзамон, нақшаҳои нави таълим ва барномаҳои таҳсилотӣ бо дарназардошти стандартҳои муосир таҳия гардида, мавриди амал қарор доранд, - изҳор дошт Бобоҷон Сатторзода - ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ.

Гуфта шуд, ки айни ҳол донишгоҳ аз рӯйи 60 ихтисос мутахассисони соҳаи молиявию иқтисодиро омода менамояд. Шумораи донишҷӯён ба 8 290 нафар расидааст.

**Ҷасури ҚИЁМИДДИН,**
**«Омӯзгор»**
**№5 (12540) 4 феврали соли 2026**

## ТАЪСИСИ 1 ФАКУЛТЕТ ВА 4 КАФЕДРА ДАР ДДМИТ

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2025 ҷиҳати татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти худро дар самтҳои таълим, илм, инноватсия ва рушди инфрасохтор самаранок ба роҳ монда, ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Дар ин бора Бобоҷон Сатторзода – ректори Донишглҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон зимни баргузории нишасти матбуотӣ хабар дод.

Дар ин давра донишгоҳ аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 5 соли оянда аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта, соҳиби шаҳодатнома гардид. Ҳамчунин, “Стратегияи рушди ДДМИТ барои солҳои 2025-2030” таҳия ва тасдиқ шуд.

Ба андешаи ректор, донишгоҳ дар рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мавқеи 4-умро устувор нигоҳ дошта, робитаи байналмилалии худро густариш дод. Айни замон 160 шартномаи ҳамкорӣ бо муассисаҳои хориҷӣ амал мекунад, ки 8 - тои он дар соли 2025 ба имзо расидааст.

Соли ҳисоботӣ дар донишгоҳ ихтисосҳои нави бакалавр, магистратура ва зинаи PhD таъсис дода шуда, шумораи умумии ихтисосҳо ба 60 адад расид.

Бобоҷон Сатторзода инчунин, қайд кард, ки бо назардошти мутобиқати муассиса ба меъёрҳои муайянкунандаи муассисаҳои олии касбӣ соли 2025 сохтори донишгоҳ такмил ёфта, як факултети нав бо номи фаъолияти гумрукӣ ва низоми иқтисодӣ, ҳамзамон, 4 кафедраи тахассусии дигар низ таъсис дода шуд.

**Н. ТЕМУР,**
**“Мароми пойтахт” №5 (877)**
**аз 6 феврали соли 2026**





## ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУНИ «ОЛИМИ СОЛ» МУАЙЯН ШУДАНД

Рӯзи 16-уми феврал бо мақсади дарёфти чеҳраҳои нави лаёқатманд, соҳибмаърифату ташаббускор, рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо кардан ба техникаву технология, тавсеаи ихтирокорӣ ва навоварӣ, пайванди илм бо истеҳсолот даври донишгоҳии озмуни ҷумҳуриявии «Олими сол» доир гардид.

Дар натиҷаи хулосаи комиссия дар бахши ҳуқуқшиносӣ мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ Ҷамрод Бобозода, дар бахши педагогика профессори кафедраи фанҳои гуманитарӣ Саъдулло Носиров, дар бахши иқтисодиёт профессори кафедраи молия Манзура Қошонова, дар бахши кишоварзӣ профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор Рустам Раҳматзода ва дар бахши математика профессори кафедраи математикаи олӣ Бобоалӣ Шарипов пешниҳод карда шуданд.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки ин нафарон дар озмуни ҷумҳуриявӣ ғолиб омада, обрӯи донишгоҳи моро боз ҳам баланд мебардоранд.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

## «ФИРИСТОДА БОЯД, КИ ДОНО БУВАД...»



Бо ҳадафи боло бурдани сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ ва маҳоратҳои зеҳнии ҷавонони мамлакат дар саросари кишвар ҳамасола озмунҳо ва олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳурӣ баргузор мегарданд. Яке аз чунин иқдомҳои муҳим Олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯён мебошад, ки бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шуда, дар рушди иқтидори илмӣ ва дарёфти чеҳраҳои болаёқат нақши муассир мегузорад.

Рӯзи 16 феврали соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон даври донишгоҳии олимпиадаи фаннӣ миёни донишҷӯёни факултетҳо оғоз гардида, то 18 феврал идома ёфт. Ин иқдом бо мақсади дарёфт ва рушди истеъдодҳо, бедор кардани шавқу рағбат ба илм, рушди тафаккури таҳлилӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ сурат гирифта, муҳити созандаи рақобати солимро барои донишҷӯён фароҳам овардааст.

Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимов зимни суханронии худ таъкид намуд, ки мувофиқи ҷадвали тасдиқшуда донишҷӯён аз рӯйи 14 фанни асосӣ, аз ҷумла химия, биология, география ва геология, физика ва астрономия, технологияҳои иттилоотӣ, забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, назарияи иқтисодӣ, математика, таърихи халқи тоҷик, сиёсатшиносӣ, фалсафа ва ҳуқуқшиносӣ иштирок хоҳанд кард, ки ҷиҳати муайян кардани ғолибони даври донишгоҳӣ комиссияи махсус таъсис ёфтааст.

Қутбиддин Муқимов зикр кард, ки: «Музаффарияти донишҷӯён натиҷаи меҳнати пайвастаи онҳо ва роҳбарони илмияшон аст. Ин дастовардҳо на танҳо сатҳу сифати таълимро инъикос мекунанд, балки ҷойгоҳи донишгоҳро миёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ боз ҳам боло мебардоранд».

Дар идома, сардори раёсати илм ва инноватсия Ҷовидон Халифазода, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ Хуршед Насриддинов ва устоди кафедраи забони русӣ Ҷумъа Махшул иштирок дар чунин олимпиадаҳоро барои такмили дониши илмӣ ва рушди иқтидори эҷодии донишҷӯён басо муҳим арзёбӣ намуданд. Онҳо ба иштирокчиён комёбиҳои нав ва сарбаландӣ таманно карданд.

Наврӯз ҶОБИРОВ

## ДАВРИ ДОНИШГОҲИИ ОЗМУНҲОИ ҶУМҲУРИЯВӢ ҶАМЪБАСТ ГАРДИД



**Рӯзи 12 феврали соли равон дар ДДМИТ даври донишгоҳии озмунҳои ҷумҳуриявии “Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон”, “Магистранти сол” ва Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ҷамъбаст ва номзадии беҳтаринҳо ба даври ниҳоӣ пешбарӣ гардиданд.**

Ҷорабиниро муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимов ифтитоҳ бахшида, перомуни ҳадафҳо ва шартҳои озмун сухан намуд ва ҳамзамон афзуд, ки сиёсати иҷтимоии давлат дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи рушди маориф ва дастгирии донишандӯзиву аз худ кардани илмҳои замонавӣ созанда буда, Сарвари давлат дастгирии илм ва маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди миллӣ эътироф намудаанд.

Нисбати ин ду ҷабҳаи ҷудонашаванда, ки яке дигарашро мукаммал мекунад, ба таври мунтазам дар вохӯриву баромадҳои худ бо аҳли илму маориф ва фарҳанг таъкид месозанд, ки назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ созанд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Аз ҳамин лиҳоз, маҳз бо пешниҳоди Президенти мамлакат ҷиҳати тавсеаи тафаккури техникии насли наврас ва ҷавонон солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардидааст. Бинобар ин, айни замон ҳар нафаре, ки ташнаи илму дониш мебошад, бояд баҳри аз худ намудани фанҳои мазкур камари ҳиммат бандад. Озмунҳоеро, ки ҳоло даври донишгоҳии онро мо ҷамъбаст менамоем, маҳз дар доираи ҳамин сиёсати маорифпарваронаву ояндабинонаи Пешвои миллат таъсис ёфтаанд.

Сипас, тибқи Низомномаи озмунҳои ҷумҳуриявии Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, “Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон” ва “Магистранти сол” миёни донишҷӯён, магистрантон ва докторантон барои дарёфт намудан ва муаррифии истеъдодҳои нодир дар соҳаи илму техника, ки бо дастури Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, олимону донишандӯзони ҳамаи факултетҳои донишгоҳ фаъолона иштирок намуда, корҳои ихтироъкарда ва лоиҳаҳои илмии худро ба аъзои ҳакамон пешниҳод намуданд.

Дар идома пас аз баҳсу мунозираҳои ҳайати ҳакамони озмунҳои фавқуззикр дар бахши Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои




олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дотсенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои физика-математика Кабиров Абӯбакр Тиллоевич бо аксари овоз ба даври ҷумҳуриявӣ ҳамчун номзад пешбарӣ гардид.

Ҷоиз ба ёдоварист, ки Абӯбакр Кабиров собиқаи 45-солаи омӯзгорӣ дошта, ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим бо таълифи 4 китоби дарсӣ, 8 васоити таълим, 15 дастури таълимӣ, 3 монография, 1 монографияи дастҷамъона, китоби энсиклопедии “Донишномаи математикаи мактабӣ” ва бештар аз 150 мақолаи илмӣ-методӣ номи худро дар саҳифаҳои илмҳои дақиқ сабт кардааст.

Ҳамчунин, мавсуф дар самтҳои назарияи функсияҳои тағйирёбандаашон комплексӣ ва методи таълими математика тадқиқоти илмӣ мебарад. Ба қалами ӯ 3 монография, 20 мақолаи тақризшавандаи КОА, 60 мақолаи илмӣ-методӣ дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ, 20 мақола дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва 20 мақола дар маводҳои конференсияҳои донишгоҳӣ мутааллиқанд.

Ҳамин тариқ, дар бахши ихтироъкорӣ ва навоварӣ донишҷӯи соли дуюми факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ, ихтисоси кибернетикаи иқтисодӣ Абсамадзода Шаҳриёр бо лоиҳаи “Платформаи викторина”, дар бахши фанҳои техникӣ ва технологияҳои иттилоотӣ донишҷӯи соли аввали ихтисоси технологияҳои иттилоотӣ идоракунӣ дар иқтисодиёти факултети мазкур бо лоиҳаи “Академияи омодасозии донишҷӯён ба бозори меҳнат”, донишҷӯёни ҳамин факултет Шерализода Анӯшервон ва Аламов Самир бо лоиҳаи “Асона академия ва Асона маркет” бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), ҳамчунин, дар бахши ихтироъкорӣ донишҷӯёни соли чорум Сафарова Омина ва Тилабов Нозирҷон бо лоиҳаи усули “Ҳисобкунии пасандоз” ғолиб омада, ба даври ҷумҳуриявии озмунҳо пешбарӣ гардиданд.

Қобили тазаккур аст, ки дар назди факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ маҳфилҳои илмиву инноватсионии ихтироъкорони ҷавон бо номи Академия ва Викторина амал менамоянд, ки устодон донишҷӯёни соҳиблаёқату навовар ва ихтироъкорро роҳбаладӣ менамоянд ва дар навбати худ, ин донишҷӯёни фаъол аз макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ хонандагони соҳибзавқро ба маҳфил ҷалб намудаанд, ки аз ҳоло таҷриба андӯхтаву дар роҳи ихтироъкориву навоварӣ қадамҳои аввалини худро мегузоранд. Шиори ин навоварон: “Як дарс омӯхтӣ - як нафарро биомӯз!” мебошад.

Дар фароварди ҷамъомад Қутбиддин Муқимов аз номи аҳли раёсати донишгоҳ ба довталабон барору комёбӣ хоста, эълом дошт, ки дар сурати дар озмуни ҷумҳуриявӣ соҳиби мақом гардидан ҳам худи довталабон ва ҳам роҳбаладони илмияшон аз ҷониби раёсати донишгоҳ бо тухфаҳои хотиравию молиявӣ қадршиносӣ мегарданд.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ**




# МАСЪАЛАҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ, ТАҲАВВУЛОТ ВА ДУРНАМО

*Рӯзи 31-уми январи соли равон бо ташаббуси кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳаввулот ва дурнамо» доир гардид.*

Нахуст муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Саидакмал Мирсаидов муҳтавои мавзуъро муҳим арзёбӣ карда, таъкид намуд, ки баҳисобгирии муҳосибӣ низоми ягонаи ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, ҷамъбасти иттилоот дар бораи молу мулк, дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи ташкилот, ки аз рӯи шаклҳои муқарраршуда тартиб дода шудаанд, мебошад, ки бахри такмили фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

Сипас, муовини Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ. дотсент Музаффарзода Бадриддин Сангалӣ дар мавзуи «Механизми баҳисобгирии маблағгузории меъёрҳои сарикасӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокӣ дар муассисаҳои таълимӣ» баромад кард.

Тавре мавсуф зикр кард, рӯзи 16-уми декабри соли 2025 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки: “Бо мақсади таъмин намудани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ, инчунин, мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ бозбинии низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, яъне гузариш ба низоми сарикасӣ ё фармоиши давлатӣ тақозои замон мебошад”.

Дарвоқеъ, маблағи сарикасӣ захираҳое мебошанд, ки барои иҷрои вазифаҳои муайян пешбинӣ шудаанд. Дар муассисаҳои таълимӣ маблағгузории меъёрӣ як ҷузъи муҳимест, ки ба фаъолияти устувор ва баланд бардоштани самаранокӣ мусоидат мекунад. Механизми мазкур имкон медиҳад, ки маблағҳо шаффоф истифода шаванд ва сифати таълим беҳтар гардад.

Бадриддин Музаффарзода афзуд, ки маблағгузорӣ ба сари ҳар як донишҷӯ ҳамчун механизми меъёрӣ имкон медиҳад, ки ҳаҷми маблағҳои давлатӣ мутаносиб бо шумораи донишҷӯён ва маблағи муқарраргардидаи хароҷот муайян карда шавад.

Дар идома, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Баҳодур Каримов дар мавзуи «Мушкилот ва дурнамои баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъруза кард. Ӯ масъалаҳои асосии татбиқи баҳисобгирии идоракуниро дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла набудани дастурҳои методии соҳавӣ, камбуди мутахассисон, сатҳи пасти рақамикунонӣ ва имкониятҳои маҳдуди молиявии хоҷагиҳои хурду миёна арзёбӣ кард.

Барои беҳтар намудани вазъ, номбурда пешниҳоди таҳияи стандартҳои соҳавӣ, такмили барномаҳои муҳосибӣ, баланд бардоштани савияи донишҳои роҳбарону муҳосибон ва мусоидати муассисаҳои давлатӣ ба рушди сохторҳои идоракунии молиявиро муҳим шуморид.

Баъдан, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Исмоил Бобиев дар мавзуи «Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: муаммоҳои ташкил ва пешбурди он» баромад карда, хусусиятҳои иқтисоди рақамӣи, аз ҷумла ҷаҳонишавӣ, суръати баланди муомилоти молиявӣ, афзоиши савдои маҷозӣ, истифодаи маълумоти бузург ва нармафзорҳои онлайниро ном бурд.

Дар идомаи кори конференсия сармутахассиси Раёсати баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва фаъолияти аудитории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Саёҳат Шарипова дар мавзуи «Масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси стандартҳои бахши давлатӣ: таҳаввулот ва дурнамо», ҳамчунин, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ Пайрав Бобомуродов дар мавзуи «Таҷрибаи татбиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ - 41 «Кишоварзӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” маърузаҳо намуданд.

Дар қисмати муҳокима ва саволу ҷавоб устодони донишгоҳ - Рустам Раҳматзода, Баҳром Сафаров, Илҳои Неъматов, Субҳоналӣ Мирзоев, Суннатулло Нуриддинов, Бобомурод Бобомуродов ва дигарон иштирок карда, пешниҳодҳои илмӣ ва мулоҳизаҳои худро баён намуданд.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# БАҲСИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ДАР МАҲФИЛИ «ДУРАХШИ ИЛМ»



Рӯзи 10 феврали соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон маҳфили илмии донишҷӯён таҳти унвони «Дурахши илм» доир гардид. Ин чорабинӣ, ки моҳе се маротиба бахри баланд бардоштани донишу малакаи тадқиқотии донишҷӯён гузаронида мешавад, ин навбат бо ташаббуси кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети ҳисобдорӣ ва омор, таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимов баргузор шуд.

Дар оғози маҳфил Қутбиддин Муқимов таъкид намуд, ки «Дурахши илм» ҳаштумин ҷаласаи илмии донишҷӯён мебошад, ки дар он устодон ҳамчун нозир ширкат варзида, ба донишҷӯён танҳо роҳнамоӣ ва маслиҳатҳои илмӣ пешниҳод менамоянд. Ӯ афзуд, ки илм ва дониш пояи асосии инноватсия мебошанд ва имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳз бо тавлиди идеяҳои нав ба рушди устувор ноил мегардад.



Ба гуфтаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иқтисоди рақамӣ ва инноватсионӣ идомаи мантиқии сиёсати созанда ва дурнамои миллӣ мебошанд.

Сипас, маърузаи Амирҷон Миров - донишҷӯи курси чоруми ихтисоси 1-25010801 - баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо дар мавзуи «Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: мушкилот ва дурнамо дар Тоҷикистон» ироа гардид. Баромадкунанда иқтисоди рақамиро раванде номид, ки имкони сарфаи вақт, густариши амалиётҳои ғайримоддӣ, ҷаҳонишавии фаъолиятҳо, афзоиши суръати хизматрасониҳои молиявӣ ва истифодаи маълумоти бузургро фароҳам меорад. Ӯ зикр кард, ки чунин равандҳо барои низоми анъанавии идоракунӣ ва муҳосибӣ мушкилоти нав ба вуҷуд меоранд ва зарурати гузариш ба усулҳои рақамӣ афзун мегардад.

Амирҷон Миров, ҳамчунин, ба банди марбут ба рақамикунонии иқтисод дар «Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025» ишора намуда, таъкид кард, ки татбиқи муҳосиботи рақамӣ бояд бо назардошти воқеияти иқтисодӣ ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта амалӣ гардад.

Баъдан Ҷалил Ҷалилов - донишҷӯи дигари ҳамин ихтисос (ихтисоси 1-25010801 - баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо) бо гузориш дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити рақамишавии иқтисод» баромад намуд. Ӯ рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсияро ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳони муосир арзёбӣ карда, гуфт, ки технологияи нав на танҳо суръати истеҳсолу хизматрасониро меафзояд, балки барои эҷодкорӣ, худтакмилёбӣ ва истифодаи имкониятҳои нав замина фароҳам меорад.

Ба таъкиди Ҷалил Ҷалилов, ҳамгироии рақамишавӣ бо соҳаҳои гуногуни иқтисод омили муҳими рақобатпазирӣ дар муҳити зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Дар қисмати ниҳоии маҳфил ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ Пайрав Бобомуродов оид ба Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ №41 «Кишоварзӣ» сухан гуфта, шарҳ дод, ки ин меъёр дар сатҳи ҷаҳонӣ ҷиҳати танзими баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои кишоварзӣ татбиқ мешавад. Ҳадафи асосии стандарт аз муайян намудани қоидаҳои дурусти пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар ин соҳа иборат мебошад.

Дар анҷоми маҳфил миёни иштирокдорон баҳсҳои созанда, саволу ҷавобҳо ва мубодилаи таҷриба сурат гирифт.

Донишҷӯён баргузории чунин ҷаласаҳои илмӣ-мубоҳисавиро барои боло бурдани донишу малакаи тадқиқотӣ муҳим арзёбӣ намуда, ҷонибдори ташкили ҳамешагии он гардиданд.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# ИМКОНИЯТИ НАВ ДАР САМТИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ



Санаи 9 феврали соли равон бо ташаббуси бахши таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти раёсати таълим дар доираи иҷрои шартномаи ҳамкорӣ байни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ҶСК “Ҳумо Бонк” барои донишҷӯёни курси 4-уми факултети молия ва қарз курси омӯзишии “Бонкири ҷавон” оғоз гардид.

Зимни ифтитоҳи курс муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Саидакмал Мирсаидов таъкид намуд, ки “Ҳумо Бонк” ҳамчун яке аз бонкҳои инноватсионии кишвар дар рушди саводнокии молиявии ҷавонон, хусусан донишҷӯён нақши назаррас дорад.

Намояндаи бонк, дар навбати худ, зикр кард, ки густариши ҳамкорӣ дар ин самт барои донишҷӯён имкониятҳои навро фароҳам меорад: «Мо бовар дорем, ки ин иқдом ба таҳкими дониш ва малакаҳои амалии донишҷӯён мусоидат намуда, имкониятҳои воқеии шиносоӣ бо фазои бонкдориро фароҳам месозад».

Ҳадафи асосии ин курс баланд бардоштани саводнокии молиявӣ, шинос кардани донишҷӯён бо равандҳои амалии фаъолияти бонкдорӣ, тақвияти малакаҳои касбӣ ва омодагӣ ба бозори муосири меҳнат мебошад. Дарсҳо давоми як моҳ, се маротиба дар як ҳафта, ҳар кадом ду соатӣ, бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ баргузор мегарданд.

Тибқи барнома омӯзишро мутахассисони баландихтисоси “Ҳумо Бонк” баргузор намуда, пас аз гузаштан аз санҷиши ниҳоӣ ба иштирокчиён шаҳодатнома, сипоснома ва дар ҳолати мувофиқ будани салоҳият - тавсиянома барои ҷойи корӣ пешниҳод кард мешавад.

**Гуландом ЛАТИПОВА,**
**сардори бахши таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти ДДМИТ**



# ЧАРО ДОВТАЛАБОН ДДМИТ -РО ИНТИХОБ МЕНАМОЯНД?

## Суҳбати ихтисосии сардори шуъбаи иттилоот ва нашрия Маҳмадалӣ Очилдиев бо ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобоҷон Сатторзода

**- Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба сифати муассисаи таълимии касбӣ ва таҳсилоти иловагии низоми Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар омода намудани кадрҳои соҳибтахассус эътирофгардида ва пешқадам дар раванди рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа чӣ барномаи мукаммалеро рӯйи даст дорад?**

- Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба сифати муассисаҳои соҳавии таҳсилоти олӣ ҷиҳати омодасозии кадрҳои соҳибтахассус дар самтҳои иқтисод ва молия, фаъолияти худро дар доираи барномаҳои стратегӣ ва нақшаҳои рушди миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат амалӣ менамояд. Ин барномаҳо одатан ба мутобиқсозии таҳсил ба талаботи иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ равона гардидаанд.

Дар маҷмуъ, стратегияи рушди донишгоҳ самтҳои муҳими сифати таълим ва омодасозии кадрҳои рақобатпазир, тақвияти фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, рақамикунонӣ ва иқтисоди рақамӣ, потенсиали омӯзгорӣ ва кадрҳои илмӣ, тақвияти робита бо истеҳсолот ва бозори меҳнат, инфрасохтор ва муҳити иҷтимоиро дар бар мегирад. Дар ҳамин доира ДДМИТ барномаи такмили раванди таълимро амалӣ мекунад, ки ҳадафҳои асосии он мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ бо стандартҳои байналмилалӣ, ҷорӣ намудани низоми кредитӣ ва усулҳои муосири таълим, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар раванди таҳсил, омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат, рушди иқтисоди миллӣ, ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмӣ ва стартапҳо, рушди фаъолияти инноватсионӣ ва иқтисоди рақамӣ, ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷалби омӯзгорон ва донишҷӯён ба лоиҳаҳои байналмилалӣ, мубодилаи таҷриба ва технологияҳои таълим, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар таълим, рушди ихтисосҳои иқтисоди рақамӣ, омодасозии мутахассисони соҳаи FinTech ва таҳлили маълумот, истифодаи платформаҳои электронӣ дар таҳсил, дастгирии таҳсил дар магистратура ва докторантура, ҷалби мутахассисони ҷавон ба фаъолияти илмӣ-педагогӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти омӯзгорон ва дар умум, фароҳам овардани муҳити иҷтимоии созгору мусоид барои омӯзгорон ва донишҷӯён ба шумор меравад.

Хуллас, стратегияи рушди ДДМИТ ба ташаккули донишгоҳи муосир равона шудааст, ки мутахассисони рақобатпазир омода мекунад, рушди илм ва инноватсияро таъмин менамояд, иқтисоди рақамиро дастгирӣ мекунад, робитаи таҳсил бо бозори меҳнатро тақвият мебахшад ва ҳамкориҳои байналмилалиро густариш медиҳад.

**- Таври маълум, Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои солҳои 2025–2030 таҳия ва қабул гардид. Дар ин маврид Шумо чӣ андеша доред?**

- ДДМИТ ҳадаф гузоштааст, ки аз як муассисаи классикии соҳавӣ ба маркази муосири таҳсил, илм ва инноватсия дар самти иқтисод ва молия табдил ёбад. Қобили қайд аст, ки зимни таҳияи Стратегия нишондодҳои консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ, инчунин Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шудааст.

Стратегия дорои ҳадафҳои равшан, самтҳои афзалиятнок ва натиҷаҳои интизоршавандаи ченшаванда мебошад. Ин ҳадаф ба ҳадафҳои стратегии давлат дар соҳаи маориф ва рушди иқтисод пурра мутобиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, Стратегияи рушди ДДМИТ барои солҳои 2025–2030 ҳуҷҷати мукаммал ва ояндanигар мебошад, ки ҳадафи асосии он табдил додани ДДМИТ ба донишгоҳи пешсафи иқтисодиву молиявӣ дар Тоҷикистон ва минтақа, омодасозии кадрҳое, ки на танҳо дониш доранд, балки қодир ба ҳаллу фасли мушкилоти воқеии иқтисод ҳастанд, мебошад. Дар баробари ин, ҳадафи калидии стратегия – ин омодасозии кадрҳои рақобатпазир, соҳибтахассус ва ҷавобгӯ ба талаботи иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ, бо такя ба сифати баландтари таълим, илм ва инноватсия, иқтисоди рақамӣ, робитаи устувор бо бозори меҳнат мебошад. Агар ба ҳадафҳо ва натиҷаҳои интизоршавандаи он такя намоем, он бештар ба муосирсозии таълим, рушди илм, рақамикунонӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ равона гардидааст. Дар сурати татбиқи пурраи ҳадафҳо ин стратегия метавонад донишгоҳро ба яке аз марказҳои муҳими омодасозии кадрҳои иқтисодӣ дар минтақа табдил диҳад.

**- Стратегияи рушди ДДМИТ ба чӣ асос ёфтааст ва чӣ бартариятҳо дорад?**

- Стратегияи рушди ДДМИТ ба сиёсати давлатии рушди маориф, талаботи иқтисоди миллӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ асос ёфтааст. Бартарии асосии ин санад он аст, ки донишгоҳро ба як муассисаи муосири омодасозии кадрҳои иқтисодӣ ва молиявӣ табдил медиҳад ва имконияти мутобиқшавӣ ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунониро фароҳам месозад.

Стратегияи донишгоҳ, пеш аз ҳама, ба ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Стратегияи рушди соҳаи маориф ва илм, Барномаҳои давлатии рақамикунонӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи маориф, инчунин, санадҳои танзимкунандаи талаботи бозори меҳнат ва иқтисоди миллӣ такя мекунад. Дар таҳияи стратегия таҷрибаи донишгоҳҳои пешқадами ҷаҳон ва меъёрҳои таҳсилоти байналмилалӣ ба назар гирифта шудаанд.

Бартариятҳои Стратегияи рушди ДДМИТ барои солҳои 2025-2030, қабл аз ҳама, бар он асос меёбад, ки он омодасозии мутахассисонро барои иқтисоди рақамӣ ва низоми молиявии муосир таъмин сохта, имконияти шуғли хатмкунандагон ва малакаҳои амаливу касбиро тақвият мебахшад.

Аз сӯи дигар, ин стратегия ба рушди тадқиқоти илмӣ ва татбиқи натиҷаҳои онҳо дар иқтисоди миллӣ равона гардида, густариши ҳамкориҳои байналмилалиро ҳадаф қарор додааст ва бартарии муҳимаш - ин баланд бардоштани нуфузи донишгоҳ дар сатҳи байналмилалӣ ва ҷалби таҷрибаи пешқадам мебошад.

**- Стратегияи мазкур барои донишҷӯён, омӯзгорон ва иқтисоди кишвар чӣ таъсири амалӣ дошта метавонад?**

- Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои солҳои 2025–2030 на танҳо як ҳуҷҷати назариявӣ, балки барномаи амалиест, ки метавонад ба донишҷӯён, омӯзгорон ва иқтисоди кишвар таъсири мустақими амалӣ расонида, барои донишҷӯён имконияти гирифтани таҳсили муосир ва ҷойи кори беҳтарро фароҳам оварад, барои омӯзгорон рушди касбӣ ва илмиро таъмин намояд, барои иқтисоди кишвар дар омодасозии кадрҳои рақобатпазир ва рушди иқтисоди рақамӣ мусоидат кунад ва дар маҷмуъ, ба таҳкими робитаи маориф – илм – истеҳсолот мусоидат намуда, ба рушди устувори иқтисоди миллӣ замина гузорад, ки он ба баланд шудани нуфузи Тоҷикистон дар фазои илмӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунад.

**- Механизми татбиқи стратегияи мазкур чӣ гуна сурат мегирад?**

- Дар доираи ин механизм нақши роҳбарияти донишгоҳ, факултетҳо, кафедраҳо ва донишҷӯён ҳалкунанда мебошад. Бинобар ҳамин, татбиқи Стратегияи рушди ДДМИТ танҳо дар сурати ҳамкории зичи роҳбарият, факултетҳо ва донишҷӯён натиҷа медиҳад. Яъне роҳбарият самти рушд ва захираҳоро таъмин мекунад, факултетҳо татбиқи амалии стратегияро анҷом медиҳанд, донишҷӯён натиҷаи ниҳоии онро инъикос менамоянд. Ин ҳамоҳангӣ метавонад донишгоҳро ба маркази муҳими омодасозии кадрҳои баландихтисос табдил диҳад.

**- Қаблан низ стратегияи рушди ДДМИТ барои солҳои 2018-2023 қабул ва татбиқ гардида буд. Он чӣ натиҷа дод?**

- Стратегияи рушди ДДМИТ барои солҳои 2018–2023 ба муосирсозии низоми таълим, рушди илм ва тақвияти пойгоҳи моддию техникӣ равона шуда буд. Дар маҷмуъ, Стратегияи рушди ДДМИТ барои солҳои 2018–2023 заминаи муҳимро барои рушди минбаъдаи донишгоҳ фароҳам овард. Натиҷаҳои дастовардии он чунин арзёбӣ мешаванд, ки бо муосир гардидани раванди таълим, рушди фаъолияти илмӣ, беҳтар шудани инфрасохтор, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мутобиқшавии нисбатан



беҳтари таҳсил ба талаботи иқтисоди миллӣ заминаи таҳияи Стратегияи нави рушди донишгоҳро барои солҳои 2025-2030 фароҳам овард. Яъне агар Стратегияи солҳои 2018–2023 бештар ба ташкили заминаи муосири таълим ва инфрасохтор равона шуда буд, Стратегияи солҳои 2025–2030 марҳилаи нави рушд буда, ба рақамикунонӣ, инноватсия ва ҳамгироии байналмилалӣ равона шудааст.

**- Пас, Стратегияи нави 2025–2030 бароиояндаи ДДМИТ чӣ дурнамои рушдро пешбинӣ мекунад?**

- Стратегияи рушди ДДМИТ барои солҳои 2025–2030 дурнамои рушди донишгоҳро ҳамчун як маркази муосири таълим, илм ва инноватсия муайян менамояд. Агар онро аз нуқтаи назари дурнамои рушд таҳлил намоем, метавон хулоса баровард, ки Стратегияи рушди ДДМИТ барои солҳои 2025–2030 метавонад донишгоҳро ба муассисаи таҳсилоти рақамӣ ва муосир, маркази омодасозии кадрҳои иқтисодӣ ва молиявӣ, маркази илм ва инноватсия, иштирокчии фаъоли фазои байналмилалии таҳсилот табдил дода, нақши ин боргоҳи илму маърифатро дар рушди иқтисоди миллӣ ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замон тақвият диҳад.

**- Татбиқи ин стратегия барои рушди низоми таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон чӣ аҳамият дорад?**

- Стратегияи рушди ДДМИТ барои солҳои 2025–2030 на танҳо барои пешрафти худи донишгоҳ, балки барои такмили тамоми низоми таҳсилоти олӣ, рушди иқтидори илмӣ ва таҳкими иқтисоди миллии Тоҷикистон аҳамияти калидӣ дорад. Он метавонад ба ташаккули низоми таҳсилоти рақобатпазир, инноватсионӣ ва мутобиқ ба талаботи ҷаҳони муосир замина гузорад. Аз ин рӯ, татбиқи ин стратегия метавонад барои рушди низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳими стратегӣ дошта бошад.

Модоме ки стратегияи мазкур ба муосирсозии барномаҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва мутобиқ намудани раванди таълим ба стандартҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст, пас, он метавонад ба баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот мусоидат намояд. Аз ҷониби дигар, азбаски стратегия густариши корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таъсиси марказҳои тадқиқотӣ ва ҳамкории илмӣ бо муассисаҳои байналмилалиро пешбинӣ намуда, яке аз самтҳои муҳимаш густариши ҳамкориҳо бо донишгоҳҳои хориҷӣ, барномаҳои мубодилаи донишҷӯён ва омӯзгорон мебошад, бешак ба боло рафтани нуфузи таҳсилоти олии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, ворид шудани таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ба низоми миллӣ ва омодасозии кадрҳо бо ҷаҳонбинии муосир таъсир мегузорад.

**- Айни ҳол дар муассиса сатҳу сифати таълим дар кадом сатҳ қарор дорад ва оё ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ гардонида шудааст?**

- Сатҳу сифати таълим дар маҷмуъ дар марҳилаи муайяни устувор қарор дошта, барномаҳои таълимӣ то андозае ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ гардонида шудаанд. Барои баҳои воқеӣ додан, ин масъаларо метавон аз чанд ҷиҳат таҳлил кард:

Аввалан ин ки сатҳу сифати таълим дар донишгоҳ мутобиқ ба барномаҳои таълимӣ ба стандартҳои байналмилалӣ роҳандозӣ гардида, бо талаботи муосири иқтисодиёт ва идоракунӣ ҳамоҳанг карда шудаанд. Ин аст, ки таълим бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва усулҳои муосир амалӣ мешавад. Дуюм, дар донишгоҳ шуъбаи махсуси мониторинг ва идораи сифати таълим фаъолият мекунад, ки вазъи воқеии таълимро тибқи қонунгузорӣ ва стандартҳои низоми кредитӣ назорат менамояд.

Қобили тазаккур аст, ки ДДМИТ аз аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ

С. 9 →



гузашта, сертификати сифати таҳсилро барои 5 сол гирифтааст ва дар рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон пайваста мақоми 4-умро нигоҳ медорад. Сеюм, потенсиали кадрии омӯзгорон дар донишгоҳ кофӣ буда, садҳо омӯзгор, аз ҷумла докторон ва номзадҳои илм самаранок ба таълиму тадрис машғуланд, ки ин гувоҳи дар сатҳи нисбатан хуб ва устувор қарор доштани сатҳи таълиму тадрис мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар раванди таълим мутахассисоне иштирок мекунанд, ки таҷрибаи кор дар мақомоти давлатӣ, соҳибкорӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро доранд. Чорум, мутобиқати таълим ба талаботи бозори меҳнат ва омодасозии мутахассисони бозоргир аст. Дар ин доира донишгоҳ аз рӯйи даҳҳо ихтисоси иқтисодӣ, молиявӣ ва идоракунӣ кадрҳо омода мекунад, ки ба иқтисоди миллӣ заруранд. Ин ихтисосҳо аслан дар соҳаҳои молия, андоз, аудит, муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва менеҷмент пешниҳод мешаванд. Ҳамзамон, дар донишгоҳ факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ таъсис ёфтааст, ки ба талаботи рушди рақамикунонии иқтисод ҷавоб медиҳад. Дар маҷмуъ, донишгоҳ 30 сол аст, ки мутахассисони соҳавиро барои бозори меҳнат омода менамояд. Хатмкунандагони донишгоҳ дар сохторҳои давлатӣ, блоки иқтисодӣ, илму маориф ва соҳибкорӣ фаъолият мекунанд. Ба ин нигоҳ накарда, бо назардошти он ки такмилу рушди минбаъда ҳамеша зарур аст, донишгоҳ талош меварзад, то таълимро бо технологияҳои муосир, таҷрибаомӯзӣ ва ихтисосҳои нав мутобиқ созад,

**- ДДМИТ нисбат ба дигар донишгоҳҳои Тоҷикистон чӣ тафовут ва бартариятҳо дорад?**

- Ҷойи шубҳа нест, ки ДДМИТ дар низоми таҳсилоти олии кишвар яке аз муассисаҳои соҳавӣ ба ҳисоб меравад, ки бо омодасозии мутахассисони касбӣ ва босифат дар самти иқтисод ва молия фарқ мекунад. Бартарии асосӣ ин мутобиқати таълим ба талаботи бозори меҳнат, рушди ихтисосҳои муосир ва омодасозии кадрҳои иқтисодӣ мебошад.

Ихтисосёбии соҳавӣ имкон медиҳад, ки донишгоҳ кадрҳоро маҳз барои бахши иқтисодӣ ва молиявӣ омода намояд. Дар ин росто барномаҳои таълимӣ ба талаботи иқтисоди бозорӣ ва низоми молиявӣ мутобиқ гардонида мешаванд. Дар донишгоҳ самтҳои иқтисоди рақамӣ, технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт ва идоракунии инноватсионӣ рушд меёбанд, ки ин раванд ба талаботи ҷаҳони муосир мувофиқ мебошад.

**- Дар ҳамин ҳол, донишҷӯёни хориҷие, ки дар ДДМИТ таҳсил мекунанд, аслан ба кадом ихтисосҳо таваҷҷуҳ доранд?**

- Донишҷӯёни хориҷие, ки дар ДДМИТ таҳсил мекунанд, одатан бештар ба самтҳои молия ва бонкдорӣ, андоз ва фаъолияти гумрукӣ, муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, менеҷмент ва маркетинг, иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои иттилоотиро, ки ихтисосҳои серталаб, бозоргир, ба низоми иқтисоди бозорӣ мутобиқ буда, имконияти кор дар сохторҳои давлатӣ ва байналмилалиро фароҳам меоранд, бештар аст.

**- Чаро донишҷӯёни хориҷӣ Тоҷикистон ва маҳз ДДМИТ-ро барои таҳсил интихоб мекунанд?**

- Интихоби Тоҷикистон ва махсусан, ДДМИТ аз ҷониби донишҷӯёни хориҷӣ одатан бо якчанд омилҳои таълимӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла, арзон будани пардохти нархи таҳсил ва зиндагӣ, наздикии фарҳангӣ ва забонӣ, муҳити ором ва амният, имкониятҳои ҳамкории минтақавӣ ва амсоли инҳо вобаста мебошад. Ҳамчунин, эътироф бояд кард, ки ДДМИТ яке аз донишгоҳҳои тахассусӣ дар самти иқтисод ва молия мебошад, ки дипломи он барои фаъолияти касбӣ дар минтақа қобили қабул аст.

Дар баробари ин, ихтисосҳои донишгоҳ ба бозори меҳнат мутобиқ буда, барои фаъолияти соҳибкорӣ ва молиявӣ имконият фароҳам меоранд. Инчунин, донишгоҳ дар барномаҳои байналмилалӣ ва табодули академӣ иштирок мекунад.

Дар донишгоҳ омӯзгороне фаъолият мекунанд, ки таҷрибаи илмӣ ва амалӣ доранд ва барномаҳои таълимӣ ба стандартҳои муосири иқтисодӣ мутобиқ мешаванд. Ҳамаи ҳамин бартариҳо боис гардидаанд, ки бисёр донишҷӯёни хориҷӣ ДДМИТ-ро интихоб мекунанд, зеро ихтисосҳои бозоргир, сифати таълим, имкониятҳои байналмилалӣ ва омодасозии мутахассисони иқтисодӣ барои онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

**- Донишҷӯёне, ки дар озмунҳо, олимпиадаҳо, мусобиқаҳо ва дигар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ обрӯву нуфузи ДДМИТ-ро баланд мебардоранд, чӣ имтиёзҳо доранд?**

- Донишҷӯёни ДДМИТ мунтазам дар олимпиадаҳо ва чорабиниҳои байналмилалӣ иштирок намуда, саҳми худро дар баланд бардоштани нуфузи донишгоҳ мегузоранд. Дар баробари ин, ҳамасола дар ДДМИТ ҳамчун муассис ва маркази баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва илмии «Беҳтарин донандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Беҳтарин донандаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномасози беҳтарин», “Маърифат ва амнияти молиявӣ” баргузор мегардад, ки ин ба омодасозии донишҷӯён барои рақобати байналмилалӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон, фаъолияти донишгоҳ бо ҳамкориҳои байналмилалӣ пайваста рушд мекунад, ки аз ҷумла фиристодани донишҷӯён ба донишгоҳҳои хориҷӣ низ ба рушди малакаҳои илмӣ ва рақобатпазирии онҳо таъсир мерасонад. Масалан, танҳо дар соли 2025 - 18 донишҷӯ барои таҳсил ба донишгоҳҳои хориҷӣ фиристода шудаанд.

Бо назардошти ин маълумот, метавон гуфт, ки ҳамасола даҳҳо донишҷӯ дар озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок мекунанд, аммо рақами дақиқи ғолибони байналмилалӣ вобаста ба сол ва чорабинӣ тағйир меёбад.

Дар асоси таҷрибаи амалии донишгоҳ ва сиёсати умумии муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон донишҷӯёни фаъол ва ғолиб аз ҷиҳати моддиву маънавӣ ҳавасманд гардида, инчунин, дастгирии академӣ ва касбӣ меёбанд.

**- Яке аз ҳадафҳои асосии рушд ин рақобатпазир будан ба бозори меҳнат ва тавсеаи муносибатҳои бозорӣ мебошад. Дар ин самт ДДМИТ чӣ имконоти воқеӣ дорад?**

- ДДМИТ ҳамчун муассисаи тахассусӣ дар самтҳои иқтисод, молия ва идоракунӣ барои рақобатпазир гардонидани хатмкунандагон дар бозори меҳнат ва тавсеаи муносибатҳои бозорӣ кадрҳоро дар самтҳое омода мекунад, ки бевосита ба низоми молиявию иқтисодии кишвар пайваст буда, талаботи доимии бозори меҳнатро таъмин мекунанд ва феълан барои иқтисоди кишвару минтақа талаботи бештар доранд.

Яке аз имкониятҳои муҳим - ҳамкории донишгоҳ бо сохторҳои иқтисодӣ мебошад. Масалан, таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар бонкҳо, ташкилотҳои молиявӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ, ҷалби мутахассисони амалкунанда ба раванди таълим, иштирок дар таҳияи лоиҳаҳои иқтисодӣ ва тадқиқоти амалӣ, ки ин равандҳо ба донишҷӯён имкон медиҳад, то малакаҳои амалӣ ба даст оварда, ба бозори меҳнат зуд мутобиқ шаванд.

Дар баробари ин, ДДМИТ имконият дорад, ки бо таъсиси марказҳои инноватсионӣ ва бизнес-инкубаторҳо, омӯзиши малакаҳои соҳибкорӣ ва идоракунии лоиҳаҳо, дастгирии стартапҳо ва ташаббусҳои ҷавонон муҳити рушди соҳибкориро тақвият диҳад, то ба ташаккули иқтисоди бозорӣ ва ташкили ҷойҳои нави кор мусоидат кунанд.

Дар мавриди ҳамкориҳои байналмилалӣ низ донишгоҳ имкон дорад, бо ворид сохтани таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ба раванди таълим донишҷӯёнро дар барномаҳои мубодила ва таҷрибаомӯзии хориҷӣ сафарбар намояд ва ба ин васила, сатҳи рақобатпазирии хатмкунандагонро боло бардорад. Ин аст, ки ҳар сол зиёда аз 40 омӯзгор ва корманди донишгоҳ дар конференсияҳо ва барномаҳои байналмилалӣ иштирок мекунанд. Ин тадбирҳо ба баланд шудани сатҳи илмӣ ва нуфузи касбии омӯзгорон мусоидат мекунанд.

Маҷмуан, ДДМИТ имкон дорад, бо муттаҳид сохтани донишҳои иқтисодӣ, технологӣ ва идоракунӣ мутахассисони универсал омода намояд, ки барои бозори меҳнати муосир хеле муҳим аст. Дар сурати истифодаи самараноки ин имкониятҳо донишгоҳ метавонад ба яке аз марказҳои муҳими омодасозии кадрҳои рақобатпазир табдил ёбад.

**- Ба андешаи Шумо, кадом касбҳо ва ихтисосҳои амалкунанда дар ДДМИТ тайи солҳои наздик бештар талабот пайдо мекунанд?**

- Бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонӣ, рушди иқтисоди Тоҷикистон ва самтҳои тахассусӣ талабот дар донишгоҳ ба соҳаи молия, бонкдорӣ, иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои молиявӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит, андоз ва гумрук, идоракунии бизнес ва соҳибкорӣ, иқтисоди сабз ва идоракунии устувор афзоиш ёфтаанд, ки дар оянда низ ҳамчун касбҳои серталаб, ояндадор ва ба фаъолияти амалии бозори меҳнат созгор мебошанд.

**- Кадом ҷанбаҳо омилҳои калидиву қавии ДДМИТ шуморида мешаванд?**

- Омилҳои калидӣ ва қавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бештар ба хусусияти тахассусии он, мавқеи илмӣ-таълимӣ ва робитаи зич бо иқтисоди воқеии кишвар вобаста мебошанд. Омилҳои калидӣ ва қавии донишгоҳро метавон дар ихтисоснокии соҳавӣ, робитаи зич бо бахши иқтисоди воқеӣ, потенсиали илмӣ ва кадрӣ, инчунин, омодасозии кадрҳои рақобатпазир



арзёбӣ намуд. Ин омилҳо, бешак ба донишгоҳ имконият медиҳанд, ки дар рушди иқтисоди миллӣ ва низоми таҳсилоти олӣ нақши муҳим дошта бошад.

**- Солҳои наздик ДДМИТ татбиқи кадом барнома ва ё самтҳои таълимиро дар нақша дорад?**

- ДДМИТ таҷрибаи 30 - солаи омодасозии кадрҳои баландихтисосро дорад ва дар раванди таълим омезиши анъанаҳои академӣ ва технологияҳои муосирро истифода мебарад. Табиист, таҳаввулоти равандҳои рушди иқтисоди миллӣ ва талаботи бозори меҳнат эҳтимолан як қатор барномаҳо ва самтҳои нави таълимиро рушд хоҳанд дод. Ин самтҳо бештар ба иқтисоди рақамӣ, инноватсия ва идоракунии муосир равона мешаванд. Бо назардошти ҳамин равандҳо ДДМИТ дар солҳои наздик бештар ба рушди барномаҳои марбут ба иқтисоди рақамӣ, молияи муосир, соҳибкорӣ, иқтисоди сабз, савдои байналмилалӣ ва ҳамкории байналмилалӣ диққат медиҳад. Ин самтҳо метавонанд донишгоҳро ба маркази омодасозии кадрҳои рақобатпазир табдил диҳанд.

**- Кадом омилҳо ДДМИТ-ро нисбат ба дигар донишгоҳҳои иқтисодии Тоҷикистон бештар рақобатпазир мегардонанд?**

- ДДМИТ дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии иқтисодии кишвар бо назардошти чанд омил рақобатпазирии бештар дорад. Сараввал, ихтисосёбии соҳавӣ ва таҷрибаи таълимӣ, ки иқтидори дар бозори меҳнат омода намудани мутахассисони талаботдоштаро пайдо кардааст. Сониян, барномаҳои инноватсионӣ ва мутобиқшавӣ ба иқтисоди муосир, ки дар ин самт ДДМИТ кӯшиш мекунад, барномаҳои навоварона ва самтҳои тадқиқотиро рушд диҳад. Инчунин, пойгоҳи моддию техникӣ ва инфрасохтори муосир, ки муҳити муосири таълимӣ ба баланд шудани сифати омӯзиш ва тадқиқот таъсири мусбат мерасонад.

Самарабахш аст, ки ҳаёти донишҷӯён фаъол буда, ҷиҳати ташаккули малакаҳои роҳбарӣ ва иҷтимоӣ имконият фароҳам меорад. Солҳои охир шароити таълимӣ низ дар донишгоҳ хеле беҳтар шудааст. Ба баланд шудани сифати таълим сохта ба истифода додани бинои нави таълимӣ бо зиёда аз 3000 ҷой нишаст мусоидат кардааст.

**- Табиист, ки мушкили аксари муассисаҳои олии таълимӣ дар шароити муосир таъмини донишҷӯён бо хобгоҳ мебошад. ДДМИТ дар самти бартараф кардани ин танқисӣ чӣ чораҳо меандешад?**

- Масъалаи таъмини донишҷӯён бо хобгоҳ воқеан яке аз мушкилоти муҳими аксари муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад, вале дар ДДМИТ ин масъала ҳалли мусбати худро пайдо кардааст. Дар арафаи соли нави хониши 2025-2026 ду хобгоҳи донишгоҳ пурра аз таъмир бароварда шуда, барои бошандагони он беҳтарин шароити зиндагиву таҳсил ва фароғатӣ муҳайё гардидааст. Дар доираи стратегияи рушди донишгоҳ беҳтар намудани инфрасохтори иҷтимоӣ, аз ҷумла хобгоҳҳо, яке аз самтҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ин масъала ба баланд шудани сатҳи дастрасии таҳсил ва беҳтар шудани шароити зиндагии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Донишгоҳ одатан барои донишҷӯёни гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазир имтиёзҳо, аз ҷумла, афзалият додан ба донишҷӯёни аз ноҳияҳои дурдаст омада, дастгирии донишҷӯёни ятим ва аз оилаҳои камбизоат, сабук кардани маблағи истиқомат дар хобгоҳ пешниҳод мекунад. Бо дарки ҳамин масъулият ДДМИТ кӯшиш мекунад, ки хобгоҳҳо на танҳо ҷойи зист, балки муҳити мусоиди таълимӣ бошанд.

**- Таълими кадом барномаву нақшаҳои таълимӣ аз соли нави хониш дар ДДМИТ ба роҳ монда шудаанд ва дар оянда ба нақша гирифта шудаанд?**

- Донишгоҳ бештар ба ихтисосҳое таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, ки ба иқтисоди муосир ва идоракунии молиявӣ равона шудаанд. Аз ҷумла, бо назардошти талаботи бозори меҳнати Тоҷикистон ва минтақа ба таъсиси ихтисосҳои нав дар самтҳои иқтисодию идоракунӣ, иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои хурду миёна, менеҷменти молиявӣ ва идоракунии бизнес, технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, таҳлили маълумоти иқтисодӣ, тиҷорати электронӣ, идоракунии низомҳои иттилоотӣ, ҷорӣ намудани таҳсилоти гибридӣ, истифодаи платформаҳои рақамии таълимӣ, таҳсилоти фосилавӣ, иқтисоди рақамӣ ва таҳлили маълумот, технологияҳои молиявӣ, логистика ва идоракунии занҷираи таъминот, идоракунии сармоягузорӣ ва бозори коғазҳои қиматнок аҳамияти бештар дода мешавад.

Бо назардошти тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва сиёсати давлатӣ донишгоҳ дар оянда тасмим дорад, ки лоиҳаҳо ва барномаҳои ҷадидеро дар доираи рақамикунонии таҳсил ва ҳамкориҳои байналмилалӣ татбиқ намояд.

**- Рисолати ДДМИТ-ро дар чӣ мебинед?**

- Рисолати ДДМИТ, пеш аз ҳама, дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ, рушди илмҳои иқтисодӣ ва мусоидат ба пешрафти иқтисоди миллӣ таҷассум меёбад. Агар рисолати донишгоҳро дар шакли таҳлилӣ шарҳ диҳем, онро метавон омодасозии мутахассисони рақобатпазир, рушди илм ва тадқиқоти иқтисодӣ, ҳамгироӣ ба фазои байналмилалии таҳсилот, мусоидат ба рушди иқтисоди миллӣ, тарбияи шахсияти иҷтимоӣ ва ватандӯстро ҳамчун рисолати азалии таълимгоҳ авлавият бахшид. Дар ин замина рисолати донишгоҳ бо ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии таълим, рушди ҳамкориҳои илмӣ ва таълимӣ бо донишгоҳҳои хориҷӣ, омода намудани мутахассисоне, ки дар бозори меҳнати байналмилалӣ рақобатпазир ҳастанд, низ мебошад, то ин ки нуфузи байналмилалии таълимгоҳро баланд бардорад. Зеро ДДМИТ на танҳо муассисаи таълимӣ, балки шарики рушди иқтисоди кишвар мебошад. Аз ин рӯ, донишгоҳ талош ба харҷ медиҳад, то ҳамчун маркази муҳими илмӣ ва таълимӣ баҳри пешрафти ҷомеа ва иқтисоди кишвар минбаъд низ хизмати босифат расонад.

# ЧОРАБИНИИ ФАРҲАНГӢ-ФАРОҒАТӢ ТАҲТИ УНВОНИ «МЕҲРИ МОДАР»



Санаи 13 феврали соли 2026 тибқи Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дар бораи баргузор намудани чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва аёдати сарбозон таҳти унвони «Меҳри модар», бахшида ба Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳайати кормандони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба қисми ҳарбии 5453-и Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар ҳудуди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ташриф оварданд.

Ҳайати намояндагони донишгоҳ зери роҳбарии муовини ректор оид ба тарбия Ғаффорова Ш.А., бо иштироки сармутахассиси раёсати ташкилию тарбиявӣ Давлатова М.Д., мутахассиси раёсат Пиракова Ш.А., сардори шуъбаи кор бо ҷавонон Ҷангиев Ҷ.Ё., сармутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонон Саидов Ф.М. ва мутахассиси бахши занон ва донишҷӯдухтарон Ғаффорова М.С. дар доираи барномаи пешбинишуда аз шароити хизмати ҳарбӣ дидан намуда, бо сарбозон суҳбати самимӣ анҷом доданд.

Дар доираи ин боздид донишҷӯён аз шароити хизмат, низоми омодабошии ҷангӣ, сатҳи таъминоти моддию техникӣ, раванди машқҳои ҳарбӣ ва барномаҳои солимгардонии ҷисмонӣ аз наздик шинос гардиданд. Масъулони қисми ҳарбӣ доир ба талаботҳои хизмати ҳарбӣ, интизоми ҳарби, эҳсоси масъулиятшиносӣ ва омодагии доимӣ ҷиҳати ҳифзи суботу амнияти кишвар маълумоти муфассал пешниҳод намуданд.

Ҳамзамон, барои донишҷӯён машқҳои амалӣ ва намоишии омодагии ҷангӣ баргузор гардида, онҳо бо шароити зисту истироҳати хизматчиёни ҳарбӣ, толорҳои машқу тамрин, синфхонаҳои таълимӣ ва инфрасохтори қисми ҳарбӣ аз наздик шинос шуданд.

Ҳадаф аз ташкили чунин воҳӯрӣ баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, тақвияти рӯҳияи хештаншиносии миллӣ, омодасозии хатмкунандагон ба адои хизмати ҳарбӣ ва арҷгузорӣ ба рисолати муқаддаси ҳифзи Ватан мебошад.

Инчунин, чорабинӣ ба густариши ҳамкории мутақобилан судманд миёни муассисаи таҳсилоти олӣ ва сохторҳои қудратии кишвар мусоидат намуд.

Дар анҷоми боздид намояндагони қисми ҳарбӣ ба саволҳои донишҷӯён посухҳои мушаххас дода, онҳоро ба хизмати содиқона ба Ватан ва саҳмгузорӣ дар таҳкими сулҳу субот ва амнияти миллӣ даъват намуданд.

Дар ҷараёни чорабинӣ ба сарбозон туҳфаҳои идона тақдим гардида, барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ пешкаш карда шуд, ки ба болоравии рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳсоси ифтихори миллӣ мусоидат намуд. Барномаи мазкур бо ҳадафи таҳкими робитаи насли ҷавон бо муҳофизони Ватан ва арҷгузорӣ ба хизмати содиқонаю масъулонаи онҳо роҳандозӣ гардид.

Зимни суханронӣ намояндагони донишгоҳ таъкид доштанд, ки ҳифзи истиқлолият, амният ва суботи ҷомеа вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди кишвар буда, хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ мактаби шуҷоату мардонагӣ ба ҳисоб меравад.

Чорабинӣ дар фазои дӯстӣ, эҳтиром ва ҳамдигарфаҳмӣ баргузор гардида, хотири сарбозонро дар арафаи ҷашни муҳими давлатӣ болида гардонд.

**Сиёвуш Ҳабибов,**
**сардори раёсати ташкилию тарбиявӣ**

# БАҚОИ ХУДШИНОСИИ ҶОМЕА



Санаи 11 феврали соли равон мулоқоти роҳбарияти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо донишҷӯёни соли чоруми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон зери унвони "Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон - бақои худшиносии ҷомеа" доир гардид. Мулоқотро муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Мирсаидов Саидакмал Саидврорович оғоз бахшида, сараввал перомуни ташаккул ва такомули ҳисси ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ, ифтихори миллӣ ва содиқ будан ба Ватан ва арзишҳои миллӣ сухан намуда, афзуд, ки дар шароити имрӯзаи кишвари соҳибистиқлоламон тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстиву худшиносӣ ва созандагию бунёдкорӣ вазифаи муқаддаси ҳар яки мо ба ҳисоб меравад.

Муовини аввали ректор иброз дошт, ки омодагии ҷавонон барои хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ба сатҳу сифати тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон ҳамбастагӣ дорад. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон аз муҳимтарин ҷанбаи тарбияи ҷавонон ба ҳисоб рафта, мақсад аз он дар дили насли ҷавони имрӯза эҳсоси ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, садоқат ба Ватан, муҳаббат ба сарзамини аҷдодии худ, ҷасорат, шуҷоату далерӣ ва дарки шарафу нангу номусро бедор намудан аст.

Ҷавонони Тоҷикистон дар чунин як замони тағйирёбанда ва ноороме зиндагонӣ мекунанд, ки ҳар лаҳза онҳоро хатари таъсири гурӯҳҳои экстремистию террористӣ таҳдид менамояд. Бартараф намудани чунин таҳдидҳо тавассути тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, ифтихор аз муқаддасоти миллӣ, содиқ будан ба давлату Ватан ва ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон имконпазир аст, ки хушбахтона, ҷавонони зираки кишвари мо ин ҳамаро бо дорки баланди масъулиятшиносӣ ва номуси ватандорӣ ба дурустӣ эҳсос менамоянд.

Дар идома мавсуф меҳмонони чорабинӣ: генерал-майор Азиззода Ҳафиз Ҷаббор - сардори Раёсати кадрҳо ва таълимоти ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майор Одиназода Мӯсо Неъмат - муовини аввали сардори Ситоди Қувваҳои Мусаллаҳи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковник Фаридун Эмомализода, полковник Шарифзода Муҳиддин - муовинони Комиссари ҳарбии шаҳри Душанбе, полковник Ғоибзода Лутфулло - комиссари ҳарбии ноҳияи Сино ва мудири бахши кор бо ҷавонон ва варзиши ноҳияи Синои пойтахт Шералиев Парвизро ба аҳли толор муаррифӣ намуд.

Зимни баромади хеш сардори Раёсати кадрҳо ва таълимоти ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-майор Азиззода Ҳафиз Ҷаббор дар бораи авлавиятҳои Артиши миллӣ, ки яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдории миллӣ ва сипари боэътимоди ватанамон мебошад, суҳбат намуда, изҳор кард, ки ҳифзи Ватан, ҳимояи марзу бум ва пуштибонӣ аз манфиатҳои миллӣ қарзи конститутсионии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҳз тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ шароитеро фароҳам меорад, ки ҳар як ҷавон хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳро барояш мактаби мардонагӣ ва ифтихор шуморад.

Дар идомаи мулоқот зикр гардид, ки ватандӯстӣ, пеш аз ҳама, дар дӯст доштану содиқ будан ба Ватан ва миллати худ, дарки манфиатҳои кишвари худ, арҷ гузоштан ба муқаддасот ва арзишҳои миллӣ, ифтихор доштан аз дастовардҳо ва муваффақиятҳо ҳамватанони худ ва ҳамеша омода будан ба ҳифзи марзу буми Ватан ифода меёбад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки «танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад».

Мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиши ноҳияи Синои пойтахт Парвиз Шералиев дар баромади худ иброз намуд, ки масъалаҳои ватандӯстӣ имрӯз як рукни асосии мафкураи миллӣ мебошанд. Чунки дар замони пешгӯинашавандаи вазъи ҷаҳони муосир насли наврасро бо далелу бурҳони одию фаҳмо ва ҳаётӣ аз боби Ватану ватанпарастӣ, қадру қимати Ватан, аҳамияту муҳимияти он дар ҳаёти ҳар як шахс ва муқаддасоти он тарбия намудан мебояд, то ки онҳо ҳамчун ватанпарастони асил ба воя расанд. Дар баробари ин, бояд ҳар фаъолияте, ки имрӯз аз ҷониби шаҳрвандон амалӣ мегардад, ба хотири ҳифзи Ватану миллат, таъмину таҳкими суботу амният бошад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ба қадру осоиштагӣ расем, дастовардҳои замони соҳибистиқлолиро ҳифз намуда, тақвият бахшем.

Қобили тазаккур аст, ки нерӯмандии Артиши миллӣ ҳамчун сипари боэътимоди ҷомеа ба ҷасорат, худшиносӣ ва ватандӯстии ҷавонон вобастагӣ дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи таҳкими худшиносиву худогоҳӣ ва ҳуввияти миллии ҷавонон пайваста таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардидааст, ки "Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои ҷавонон мактаби ҷавонмардӣ маҳсуб ёфта, дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани хизматчиёни ҳарбӣ ва барои онҳо муҳайё намудани шароити хуби хизмат, инчунин, риояи талаботи ойинномаҳои ҳарбӣ муҳимтарин самти сиёсати мудофиавии кишвар маҳсуб меёбад. Вазъи мураккаби ҷаҳони муосир моро водор менамояд, ки ҷиҳати суръат бахшидан ба навсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои Мусаллаҳ, баланд бардоштани омодабошии ҳарбӣ ва тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар тадбирҳои зарурии иловагиро амалӣ намоем".

Бешакк, давлате, ки ба таълиму тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир менамояд, устувору пойдор ва пешрафта аст. Зеро Ватан қиматтарин туҳфаи тақдир барои ҳар инсон аст, ки кас танҳо дар Ватани азизи хеш ба ҳама орзуву омоли наҷиби худ мерасад.

Насли ҷавони имрӯза, ки дар чунин як айёми созандагиву бунёдкорӣ, оромиву амният ва айёми гулгулшукуфии Ватан ба дунё омада, камол ёфта истодаанд, бояд ба қадри ин ҳадяи гаронбаҳои сарнавишт: мамлакати тинҷу осуда, Сарвари мамлакати худ, ки пайваста дар пайи ғамхории насли ҷавон аст, бирасанд, ба Ватани азиз вафодор бошанд ва пайваста дар пайи ободию осудагии кишвар камари ҳиммат банданд. Зеро таърих борҳо собит намудааст, ки кишваре, ки ба таълиму тарбияи ҳарбию ватандӯстии ҷавонон эътибори хосса зоҳир менамояд, пояҳои он давлат қавию устувор гашта, умри ҷовидонӣ мебинад.

Дар фароварди мулоқот байни намояндагони Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ дар мавриди шароити сафарбарӣ ва хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар мубоҳисаву музокираҳои озоду ошкоро сурат гирифт.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ**

# ТАРҒИБИ ТАРБИЯИ ҲАРБИЮ ВАТАНДӮСТӢ ДАР ДДМИТ



Тарбияи ҳарбию ватандӯстии ҷавонон дар ҳама давру замон ҳамеша дар меҳвари сиёсат ва ҳокимиятҳои мухталиф қарор дошту дорад, зеро ин ду вожа бо ҳам пайвандии амиқу дақиқ доранд. Аз ҷумла, танҳо шахси ватандӯст метавонад, ки сина сипар карда, ба муқобили душман ҷангад ва ё бедорхобӣ кашида, дар сангарҳо камин гирад. Инчунин, шахси дорои тарбияи дурусти ҳарбию ватандӯстидошта метавонад, ки посбони манфиатҳои милливу иҷтимоӣ бошад. Дар ҳарбу зарб бошад, мо хуб дарк менамоем, ки "Шараф чизи таҷовузнопазир аст!" ё ҳимояи марзу бум ва сарзамин чист?! Дар майдони ҳарбӣ фикри ватандӯстӣ доштан ва дар сарзамин зистану дар андешаи ҳимояи он будан шарти муҳиму зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар замони имрӯз низ аз самтҳои муҳимтарини сиёсат, амният ва фарҳанги миллӣ қабул гардидааст. Набояд фаромӯш сохт, ки ин раванд танҳо омӯзиши фанни тайёрии ҳарбӣ нест, балки маҷмуи чорабиниҳои тарбиявӣ, маърифатӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангист, ки мақсад аз татбиқи онҳо дар ниҳоди ҷавонон бедор намудани эҳсоси муҳаббат ба Ватан, масъулиятшиносӣ, садоқат ва омодагӣ ба ҳимояи давлату миллат мебошад. Дар умум, барои ташаккули дарки баланди ватандӯстӣ дар тафаккури шаҳрвандон, ҳисси садоқат ба Ватан, омода будан ба адои қарзи шаҳрвандию ухдадориҳои конститутсионӣ баҳри ҳимояи манфиатҳои Ватан ҳиссагузор будан шарти асосист.

Ҳамзамон, дар давраи дигаргуншавиҳои бесобиқаи равандҳои ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳои нави иттилоотӣ, сиёсӣ ва геополитикӣ, ҷомеа вазифадор мебошад, ки хислатҳои ватандӯстӣ ва омодагии ҳарбиро дар насли ҷавон тарбияву тақвият бахшад. Набояд фаромӯш сохт, ки маҳз ҷавонони бедордил, хештаншиносу худогоҳ ва дорои иродаву равони қавии миллию давлатӣ метавонанд устувории давлат, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти миллиро таъмин намоянд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24 декабри соли 2022, таҳти №1920, тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ маҷмуи тадбирҳое мебошанд, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон ташаккул додани дарки бошууронаи ҳимояи Ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, тарбияи ҳисси ифтихор аз мансубият ба халқи худ, дастовардҳои он ва Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, эҳтиром ба таърихи меҳан, хизмати ҳарбӣ, либоси низомӣ, ташаккули ҳисси ҳифзу ғанигардонии анъанаҳои пуршарафи ҳарбии ниёгон, абадигардонии хотираи муборизони дар роҳи ҳифзи Ватан ҳалокшуда нигаронда шудааст.

Бармегардем ба асли мавзуъ, яъне як муассисаи олии таълимии касбии ҷумҳурӣ чӣ гуна метавонад, ки дар ташаккули тарбияи ҳарбию ватандӯстии насли ҷавон, яъне донишҷӯён таъсиргузор ё саҳмгузор бошад.

Муассисаи таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон зодаи даврони истиқлол буда, имсол аз таъсисёбии он 30 сол пур мешавад. Агар ба саҳфаи инкишофи ин мактаби олӣ назар намоем, дар раванди ташаккули худ якчанд марҳилаҳои муҳими таърихиро аз сар гузаронида, ба муассисаи таҳсилоти олии касбии бузурги соҳавӣ табдил ёфтааст. Айни замон, дар донишгоҳ зиёда аз ҳашт ҳазор нафар донишҷӯ таҳсил карда, донишгоҳ дорои инфрасохтори инкишофёфта ва заминаи моддию техникии мукаммал мебошад. Раванди таълим ва корҳои илмию тадқиқотӣ бо таҷҳизоти муосир ва унсурҳои зарурӣ таъмин мебошад.

Дар баробари ин, тӯли ин солҳо самти тарбия дар меҳвари фаъолият ҷой гирифта, хатмкунандагон дар баробари диплом гирифтану мутахассис шудан, дар кӯлбори маънавиашон бори тарбияи ҳарбию ватандӯстиро доро мебошанд.

Дар донишгоҳ барои дуруст ба роҳ мондани тарбияи ҳарбию ватандӯстии донишҷӯён чорабиниҳои мухталиф, фаъолиятҳои босамар ва самтҳое, ки ҳадафашон ташаккули ҳисси масъулият, муҳаббат ба Ватан, омодагии дифоӣ ва шинохти арзишҳои миллӣ дар ҷавонон бошад, пайваста доир карда мешаванд, яъне татбиқи тарбияи ҳарбиву ватандӯстӣ дар ДДМИТ чунин амалӣ мегардад:

1. Дар соатҳои тарбиявӣ ва дарсҳои кушод дар баробари дигар мавзую масъалаҳо ба ин самт таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Шинос намудани донишҷӯён бо таърихи фарҳанги миллат, аз ҷумла сафарбарнамоии донишҷӯён ба мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ, осорхонаҳо ташкил гардида, моҳияту эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ - Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ фаҳмонида мешавад;

2. Дар давраи даъват ба хизмати ҳарбӣ дар баробари дигар ҷавонони ватандӯст, донишҷӯёни ДДМИТ низ пас аз хатми донишгоҳ ба хизмати ҳарбӣ сафарбар мегарданд, ки ин натиҷаи омӯзиши самаранок ва раванди таъсирбахши корҳои ташкиливу тарбиявӣ мебошад;

3. Дар рӯзҳои идҳои Истиқлоли давлатӣ, Ҷашни Ғалаба ва Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои густурдаи амалӣ ва маърифатӣ гузаронида шуда, дар онҳо афсарони собиқадор ва хизматчиёни ҳарбӣ даъват гардида, моҳияти масъаларо мефаҳмонанд;

4. Устодону донишҷӯёни донишгоҳ дар доираи ташаббусҳо ба қисмҳои ҳарбӣ сафарбар гардида, бо афсарону сарбозон суҳбату мулоқотҳои судманд доир менамоянд;

5. Иштироки донишҷӯён дар рӯзҳои дави миллӣ, мусобиқаҳои варзишӣ ва дигар чорабиниҳои ватандӯстонаи сатҳи ҷумҳуриявӣ вусъати тоза пайдо намудааст;

6. Омӯзиши низомномаҳо ва қоидаҳои асосии хизмат дар дарсҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва тарбияи ҷисмонӣ ба роҳ монда шуда, машқҳои ҳарбӣ-варзишӣ гузаронида мешаванд;

7. Корҳои тарғиботӣ дар самти таҳкими зиракии сиёсӣ ва ҷаҳонбинии донишҷӯён, баланд бардоштани дониши сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, фаҳмидани сиёсати давлат дар соҳаи амният ва мудофиа дар донишгоҳ ва хобгоҳ ба таври доимӣ сурат мегирад.

Хуллас, тибқи Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030 яке аз мақсадҳои фаъолияти тарбиявии донишгоҳ омода кардани мутахассисони баландихтисос ва рақобатпазире, ки ҳисси баланди худшиносӣ ва худогоҳӣ доранд, ватандӯст ва ватанпарастӣ ғояи марказии фаъолияти минбаъдаашон ба ҳисоб меравад, таҳаммулпазиранд ва ба зуҳуроти номатлуби ҷаҳони муосир устувор буда, бо рафтори нек, пиндори нек ва кирдори нек дар ташаккули ҷомеаи солим саҳмгузор мешаванд, мебошад.

Дар арафаи Рӯзи Артиши миллӣ мо эътимоди комил дорем, ки ин ва дигар ҳадафҳои муайян дар самти корҳои ташкиливу тарбиявӣ сари вақт ва босифат амалӣ карда мешаванд.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# ДДМИТ - ПОЙГОҲИ БОЭЪТИМОДИ ОМОДАСОЗИИ МУТАХАССИСОНИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИВУ ИННОВАТСИОНӢ



*Дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи имрӯз рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва инноватсионӣ боиси ташаккули иқтисоди рақамӣ гардидааст, ки он яке аз омилҳои муҳими пешрафти иқтисодиёти кишварҳо ба ҳисоб меравад. Иқтисоди рақамӣ маҷмуи фаъолиятҳои иқтисодиест, ки бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, интернет, ва платформаҳои электронӣ амалӣ мегарданд.*

*Дар чунин шароит таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ ба татбиқи як қатор тадбирҳои муҳим вобаста мебошад, ки муҳимтарини онҳо рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, рушди инфрасохтори рақамӣ, омода намудани захираҳои инсонӣ, дастгирии соҳибкории рақамӣ ва инноватсия, ҳамчунин, такмили қонунгузорӣ ва амнияти иттилоотӣ ба шумор меравад.*

Тавре Президенти мамлакат дар Паёми худ огоҳона ва ояндабинона дастур доданд: "Пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки ин дастовардҳо дар ҳама соҳаҳо самаранок истифода гардида, ба манбаи иловагии рушди иқтисодӣ ва содироти хизматрасонӣ табдил дода шаванд.

Парламенти кишварро зарур аст, ки барои таъмин намудани заминаи ҳуқуқии гузаштан ба иқтисоди рақамӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ чораҷӯйӣ намояд".

Дар ҳамовозӣ ба ин дастури Пешвои миллат метавон зикр кард, ки гузариш ба хизматрасониҳои электронӣ, автоматикунонии истеҳсолот, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ ва платформаҳои рақамӣ, агар аз як тараф имкон фароҳам оранд, ки маҳсулнокии меҳнат баланд гардида, хароҷоти истеҳсолот коҳиш ёбад, аз сӯи дигар, рақамикунонӣ шаффофияти фаъолияти иқтисодиро зиёд намуда, ба рушди соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Ин аст, ки ҷиҳати рушди иқтисоди рақамӣ таъмини саривақтии дастрасӣ ба интернети баландсуръат, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва марказҳои коркарди маълумот нақши калидӣ доранд. Танҳо дар ҳамин сурат инфрасохтори муосири рақамӣ имконият медиҳад, ки хизматрасониҳои электронӣ ва тиҷорати онлайн рушд намоянд.

Бо вуҷуди ин, набояд нодида гирифт, ки иқтисоди рақамӣ ҳузури мутахассисони дорои донишҳои технологияҳои иттилоотиро талаб мекунад. Аз ин рӯ, такмили низоми таҳсилот, омӯзиши малакаҳои рақамӣ ва рушди саводнокии рақамии аҳолӣ дар рушди иқтисодӣ ногузир аст. Дар ин замина, мутахассисон бар ин назаранд, ки ҳавасмандгардонии стартапҳо, рушди тиҷорати электронӣ, ҷалби сармоягузорӣ ба технологияҳои нав ва ташкили муҳити мусоид барои фаъолияти инноватсионӣ рушди иқтисоди рақамиро таъмин менамояд.

Дар ҳамин шароити мураккаби номусоидии иқлими иқтисодӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тадриҷан баҳри гузариш ба иқтисоди рақамӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда истодааст. Зеро иқтисоди рақамӣ барои кишвар имконият фароҳам меорад, ки рақобатпазирии иқтисодӣ баланд гардида, самаранокии идоракунӣ ва хизматрасониҳо беҳтар шаванд.

Бо назардошти он ки татбиқи саривақтии технологияҳои рақамӣ ба ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандон таъсири мусбат мерасонад Хукумати мамлакат низ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои созанда солҳои 2025 - 2030 - ро «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намуд. Коршиносон ва соҳибназарон низ ҳадс мезананд, ки дар сурати рушди пайгиронаи инфрасохтор, такмили қонунгузорӣ ва омодасозии кадрҳои рақамӣ кишвари мо метавонад аз имкониятҳои иқтисоди рақамӣ самаранок истифода намуда, дар беҳтаршавии ҳарчӣ бештари маҷмуи хизматрасониҳо, сатҳу сифат ва шаффофияти онҳо нақши бозанда бозад. Зеро гузариш ба иқтисоди рақамӣ барои Тоҷикистон яке аз роҳҳои муҳими таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, фишанги калидии баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ шуморида мешавад.

Ҳарчанд Тоҷикистон дар самти рақамикунонӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст, вале барои расидан ба сатҳи кишварҳои пешсаф зарурати рушди инфрасохтор ва омодасозии кадрҳои мутахассис вуҷуд дорад.

Мусаллам аст, ки тайи солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи хизматрасониҳои электронӣ густариш пайдо карда истодаанд. Ба ин маънӣ, ки рушди иқтисоди рақамӣ дар кишвари мо ба татбиқи сиёсати мукаммал, рушди инфрасохтор, омода намудани кадрҳо ва дастгирии соҳибкорӣ вобаста мебошад. Агар ин тадбирҳо пайгирона амалӣ гарданд, иқтисоди рақамӣ метавонад ба баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди соҳибкорӣ ва таҳкими иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Зимнан, иқтисоди рақамӣ метавонад сатҳи зиндагии мардумро беҳтар намуда, рушди иқтисодиро таъмин кунад. Тоҷикистон, албатта, барои рушди ин самт имкониятҳои зиёд дорад, вале зарурати рушди инфрасохтор, такмили қонунгузорӣ ва омодасозии кадрҳо ҳамчун мушкил боқӣ мемонанд, ки дар ҳалли онҳо муассисаҳои олии таълимӣ метавонанд мусодат кунанд ва саҳмгузор бошанд.

Мутаносибан муассисаҳои таълимӣ бояд дар ин самт роҳандозӣ ва рушди ихтисосҳои технологияҳои иттилоотӣ, барномасозӣ ва амнияти киберӣ, ҳамзамон, бо омода намудани мутахассисони баландихтисос рушди иқтисоди рақамиро заминагузорӣ намоянд.

Дар навбати худ макотиби олӣ метавонанд бо таъсис ва такмили марказҳои илмӣ ва технологӣ стартапҳо ва лоиҳаҳои инноватсиониро дастгирӣ намоянд. Ин раванд метавонад ба рушди иқтисоди донишбунёд ва технологияҳои иттилоотии замонавӣ, ки аз касбҳои калидии замони муосир ба ҳисоб меравад, замина гузошта, тарзи идоракунии иқтисод, молия ва соҳибкориро куллан тағйир бидиҳад. Барои чунин мутахассисон ҳам малакаҳои иқтисодӣ ва ҳам донишҳои технологияҳои рақамӣ заруранд.

Дар ин росто Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба сифати муассисаи олии касбии муосир ва ба бозори меҳнат мутобиқ пойгоҳи муҷаҳҳазест, ки ҷиҳати омодасозии мутахассисони иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ бо таъсиси ихтисосҳои нав, факултет ва кафедраҳои соҳавӣ, лабораторияҳои муосир, рақамикунонии раванди таълим, рушди фаъолияти илмӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ заминаи устувор фароҳам овардааст.

Ин тадбирҳо ба талаботи бозори меҳнат ва сиёсати давлатии рақамикунонии иқтисодиёт мутобиқ карда шудаанд. Чунончӣ, дар донишгоҳ ихтисоси махсуси иқтисоди рақамӣ ташкил гардидааст, ки дар назди кафедраҳои марбут ба моделсозии математикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ба роҳ монда шуда, кафедраҳои информатикаи амалӣ дар иқтисод, иқтисоди рақамӣ ва логистика, низомҳои иттилоотӣ ва инноватсионӣ дар иқтисод амал карда, дар баробари ин, барои мутобиқ шудан ба талаботи иқтисоди рақамӣ ва бозори меҳнат як қатор ихтисосҳои нав, аз қабили менеҷменти лоиҳаҳои рақамӣ, иқтисоди сабз, ихтисосҳои вобаста ба молия ва идоракунии соҳаҳои иқтисодӣ таълим дода мешаванд. Ин ихтисосҳо донишҷӯёнро бо донишҳои технологияҳои рақамӣ, идоракунии маълумот, молияи электронӣ ва идоракунии лоиҳаҳои инноватсионӣ таъмин мекунанд. Ин сохторҳо иқтисод ва технологияҳои иттилоотиро ба таълим омезиш дода, бо назардошти он ки солҳои наздик талабот ба мутахассисони иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои иттилоотиву инноватсионӣ дар Тоҷикистон афзоиш меёбад, ба омодасозии кадрҳои самтҳои афзалиятнок диққати махсус медиҳанд. Аз ин рӯ, соҳибтахассуси иқтисоди рақамӣ бояд ҳам донишҳои иқтисодӣ ва ҳам малакаҳои технологӣ дошта бошад. Бозори меҳнати Тоҷикистон имрӯз ба чунин кадрҳо эҳтиёҷи ҷиддӣ дорад ва дар оянда ин талабот боз ҳам зиёд мешавад.




Ин ҳолати табиии талаботи бозори меҳнат аст, зеро бо зиёд шудани барномаҳои рақамӣ яқинан талабот ба устодон, таҳлилгарон ва муҳаққиқони соҳа низ меафзояд.

Таъкиди Президенти муҳтарами мамлакат низ дар ироаи Паёми навбатияшон маҳз ба он нукта тамаркуз карда буд, ки Пешвои миллат Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамиро вазифадор карданд, то якҷо бо вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав ва молия талаботи бозори меҳнатро дар самти иқтисоди рақамӣ омӯхта, барои зиёд намудани теъдоди мутахассисони соҳаи мазкур, инчунин, баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ин аст, ки бо такя ба дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат агар ба масъалагузорӣ на сатҳӣ, балки бо дарки амиқ ва масъулиятшиносона баҳогузорӣ намоем, хулоса баровардан мумкин аст, ки рушди иқтисоди рақамӣ яке аз самтҳои муҳими таъмин намудани пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар ба ҳисоб меравад. Роҳҳои амалӣ баҳри рушди иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, татбиқи самараноки рушди инфрасохтори рақамӣ, такмили қонунгузорӣ ва муҳити ҳуқуқӣ, рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисос, дастгирии соҳибкорӣ ва стартапҳо, рақамикунонии идоракунии давлатӣ, таъмини амнияти киберӣ аз зумраи тадбирандешиҳои саривақтие мебошанд, ки дар умум ба рушди тиҷорати электронӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ мусоидат карда, дар баробари ин, метавонад фаъолияти мақомоти давлатиро самаранок, шаффофияти идоракуниро афзун, маҷмуи хизматрасониҳоро сода, сатҳи коррупсияро фалаҷ гардонад ва аз ҳама муҳимаш, вақтро сарфа созад.

Дар умум, татбиқи комили иқтисоди рақамӣ имкониятҳои навро ҷиҳати рушди иқтисоди миллӣ фароҳам оварда, дар ҳолати тақвият бахшидан ба ҳамкории судманд миёни давлат, бахши хусусӣ ва муассисаҳои таълимӣ, ки боиси ташаккул ва такомули инфрасохтори рақамӣ ва саводнокии рақамии аҳолӣ мегарданд, рушди устувори иқтисодӣ дар шароити ҷаҳони зуд тағйирёбандаи муосир таъмин мегардад.

Бешакк, агар ин тадбирҳо пайгирона амалӣ гарданд, иқтисоди рақамӣ метавонад ба баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди соҳибкорӣ ва таҳкими иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ,**
**сардори шуъбаи иттилоот ва нашрияи ДДМИТ**



# АРТИШИ МИЛЛӢ - МАКТАБИ ВАТАНДӮСТӢ ВА МАРДОНАГӢ

**Ҳамасола 23-юми феврал дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳ бо шукуҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад. Дар робита ба ин, бо чанд нафар донишҷӯён, кормандон ва устодони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар бораи хизмат дар сафи Артиши миллӣ ва ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳамсуҳбат гардидем:**




**Фаррух ДАВЛАТОВ, таъминотчии бахши таъминоти Раёсати маъмурӣ-хоҷагидорӣ**

- Хизмати ҳарбӣ на танҳо вазифа аст, балки мактаби тарбия, эҳтиром ва вафодорӣ ба миллат мебошад. Дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат кардан ин ҳам шараф аст ва ҳам масъулияти бузургро талаб менамояд.

Қувваҳои Мусаллаҳ кафил нигаҳдории марзҳо, таъмини оромӣ ва ҳифзи суботи ҷомеа мебошад. Ин кори сермасъулият боиси бедории ҳисси ватандӯстӣ мегардад. Сарбоз дарк мекунад, ки истиқлолият ва сулҳи кишвар маҳсули талошҳо ва фидокориҳои гузаштагонанд ва бояд ҳифз шаванд.

Хизмати ҳарбӣ инсонро ба тартиб, интизом ва масъулият фаро гирифта, чӣ гуна дар шароити мураккаб амал кардан ва чӣ гуна супоришҳоро иҷро намуданро меомӯзонад. Ин таҷрибаҳо дар ҳаёти шахсӣ низ хеле арзишманданд.

Ҳисси ифтихор ва масъулият ҷавононро ба хизмат бармеангезад ва онҳоро ба нерӯи устувори ҷомеа табдил медиҳад. Хизмати ҳарбӣ, ҳамзамон, фурсатест барои омӯзиш ва рушди касбӣ. Дар Қувваҳои Мусаллаҳ сарбозону афсарон дар ихтисосҳои гуногун аз низом ва техникии ҳарбӣ то алоқа, муҳандисӣ ва тандурустӣ дониш андӯхта, малакаҳои амалӣ ба даст меоранд.



**Азима РАҲИМОВА, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкӣ**

- Артиш ё худ Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҳар давру замон барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол пояи матонат, кафили бехатарӣ ва таъминкунандаи ҳаёти осоиштаи мардум ба ҳисоб меравад. Артиш нерӯи бузурги мудофиавӣ буда, меҳру муҳаббати фарзандро нисбат ба падару модар боз ҳам бештар мекунад, ба онҳо дарси зиндагиву ҷавонмардиро меомӯзад.

Артишро чун мактаби мардонагӣ ва омӯзиши касбу ҳунар тавсиф карда, он ҷо сарбозон ҳамарӯза бояд тамрини низомӣ гузаронида, посбониву ҳушёрӣ ва зиракии марзи кишвари азизамонро ҳифз намоянд. Аз ин рӯ, бедудилагӣ ҳар як модар бояд фарзандашро бо даъвати баҳорӣ ва тирамоҳӣ ба хизмат ҳидоят намуда, аз хизмати онҳо ифтихор кунад. Дар хотир бояд дошта бошем, ки тақдири миллат, ободиву осудагӣ ва ҳифзи ин марзу бум аз ҳар як сокини кишвар вобастагии калон дорад.



**Эмомалӣ ЗОҒОВ, корманди ДДМИТ**

- Хизмат ба Ватан мактаби мардонагӣ буда, яке аз муқаддастарин вазифаҳои ҳар як шаҳрванд ба шумор меравад. Мактабест, ки дар он ҷавонписарон сабру таҳаммул, интизом, ҷасорат ва масъулиятро меомӯзанд. Дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат кардан ифтихори бузург буда, ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро тақвият мебахшад.

Хизмати ҳарбӣ иродаи инсонро қавӣ намуда, ӯро барои паси сар кардани мушкилиҳо омода месозад. Ҷавоне, ки ин мактабро мегузарад, ба қадри сулҳу амният мерасад ва мефаҳмад, ки оромии ҷомеа бо заҳмати фарзандони содиқи Ватан таъмин мегардад.

Ҳифзи марзу буми кишвар нишонаи мардонагӣ ва садоқат аст. Хизмат ба Ватан шараф, ифтихор ва масъулияти бузург дар назди миллат ва наслҳои оянда мебошад.



**Таҳмина МАҲМАДУЛЛОЕВА, донишҷӯи курси якуми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳони факултети МИБ**

- 23-юми феврал яке аз рӯзҳои пурифтихор ва таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин рӯз мо қаҳрамонони ҳақиқии Ватанро қадр мекунем. Артиши миллӣ сипари боэътимоди давлат буда, амнияти кишвар, ҳифзи марзу буми он ва осоиштагии мардумро таъмин менамояд.

Артиши миллии Тоҷикистон дар давраи басо ҳассоси таърихи давлат таъсис ёфта, роҳи пуршараф ва пурмасъулиятро тай намудааст. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ маҳз бо қувваи ирода, фидокорӣ ва ҷасорати фарзандони содиқи миллат сулҳу оромӣ дар кишвар барқарор гардид.

Хизмат дар сафи Артиши миллӣ барои ҳар як ҷавон мактаби бузурги ҳаёт мебошад. Дар ин мактаб ҷавонон сабру таҳаммул, интизом, масъулиятшиносӣ ва муҳаббат ба Ватанро меомӯзанд. Сарбозон дар шароити гуногун бо машқҳои ҳарбӣ машғул шуда, ҷисману рӯҳан обутоб меёбанд. Онҳо мефаҳманд, ки ҳифзи Ватан танҳо вазифа нест, балки қарзи муқаддаси шаҳрвандӣ мебошад.



**Марҳабо ҶӮРАБОЕВА, сармуҳосиби Иттифоқи касабаи муттаҳидаи ДДМИТ**

- Имсол аз таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон 33 сол сипарӣ мегардад. Дар баробари рӯ ба рӯ гардидан бо таҳдид ва хатарҳои замони муосир зарурат пеш меояд, ки Артиши миллии кишвар таҳким ва тақвият ёбад. Дар моддаи 5, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд», пас давлат кафили амнияти шаҳрвандон, таҳкимбахши пояҳои давлатдорӣ, ҳифзи истиқлолият ва марзу бум ба шумор меравад. Мардуми шарифи ҷумҳурӣ бо қадршиносӣ аз хизматҳои шабонарӯзӣ ва сангини Артиши миллӣ метавонанд осудаҳолона кору зиндагӣ кунанд.

Бояд ҳар як афсару сарбози шуҷои кишвар, ҳамчун сипари боэътимоди Ватан дар иҷрои вазифаҳои хизматиашон ҳамеша ҳушёру зирак бошанд ва ҳаргиз фаромӯш накунанд, ки фазои орому осудаи имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол бар ивази ҷони садҳо нафар ҷавонмардони бонангу номуси миллат ба даст омадааст. Мардуми шарифи Тоҷикистон ва давлату Ҳукумат фидокориву ҷонбозиҳои афсарону сарбозони шуҷои Ватанро ҳаргиз фаромӯш намекунанд ва хотираи неки он ҷавонмардонеро, ки барои сулҳу субот, ҳимояи марзу буми Ватан ва ҳифзи зиндагии орому осоиштаи сокинони мамлакат ҷони худро нисор кардаанд, ҳамеша пос медоранд.

Вақте ҷавон таърихи халқи худро мешиносад, арзиши истиқлолиятро дарк мекунад, маънии ҳифзи Ватанро мефаҳмад, он гоҳ хизмат дар Ватанро ҳамчун ифтихор ва масъулият қабул мекунад.

Хуллас, Артиши миллӣ воқеан, мактаби ватандӯстӣ ва мардонагӣ мебошад.



**Салмон МАҚСАДУЛЛОЗОДА, донишҷӯи курси дуюми факултети иқтисод ва идораи давлатӣ**

- Ба назари ман, хизмат дар сафи Артиши миллӣ ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ду пояи хеле муҳими пойдории давлат ва ҷомеа ҳастанд.

Хизмат дар Артиши миллӣ на танҳо иҷрои қарзи шаҳрвандист, балки мактаби бузурги мардонагӣ ва дарки зиндагӣ ҳам мебошад. Ҷавонон дар он ҷо интизом, масъулият, ҳамкорӣ, сабру тоқат ва эҳтиром ба қонунро меомӯзанд. Ин сифатҳо баъд аз хизмат ҳам дар ҳаёти шахсӣ ва ҳам дар фаъолияти ҷамъиятӣ хеле кумак мекунанд.

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ бошад, бояд аз синни хурдӣ оғоз ёбад - дар оила, мактаб ва ҷомеа.

Воқеан, 23 феврали соли 1993 дар таърихи соҳибистиқлолии Ватани азизамон бо таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ саҳифаи наве боз гардид. Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи зиёда аз се даҳсола фаъолият намуда, рӯзҳои сарду сангинро пушти сар карда, аз озмоишҳои шадиди ин солҳо гузаштааст. Феълан Артиши миллӣ ба нерӯи қудратманди низомӣ, муҳофизи сулҳу субот ва фазои орому осудаи кишвар табдил ёфтааст ва имрӯзҳо афсарону сарбозон барои ҳифзи боэътимоди марзу буми Ватан содиқона хизмат менамоянд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷавонон бояд як нуқтаро дарк намоянд, ки хизмат ба Ватан-Модар қарзи фарзандӣ ва имониву виҷдонии ҳар як ҷавонмарди бонангу номус буда, мактаби бузурги тарбия, ҷасорат ва ватандорӣ ба ҳисоб меравад.

**Мусоҳиб:
Тағоймурод ЭШЗОДА**

*Тӯли шаш сол мешавад, ки шуъбаи кор бо ҷавонони раёсати ташкилию тарбиявии ДДМИТ аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун беҳтарин шуъбаи кор бо ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ эътироф гардида, бо Диплом сарфароз гардонида мешавад.*



# БЕҲТАРИН ШУЪБАИ КОР БО ҶАВОНОН ДАР СОЛИ 2025

## ЭЪТИРОФИ ПАЙВАСТА МАСЪУЛИЯТРО МЕАФЗОЯД!



Ҳамин аст, ки ин давра ба масъалаҳои муҳими тарбияи ҷавонон, боло бурдани маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, ҷинояткорӣ, нашъамандӣ, хурофотпарастӣ, худкушиву худсӯзӣ, инчунин, таҳкими оилаҳои ҷавон таваҷҷуҳи хос зоҳир гардида, чорабиниҳо вобаста ба истифодаи дурусти интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, омӯзиши илмҳои муосир, технологияҳои рақамӣ, касбомӯзӣ ва иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ амалӣ гардиданд. Ин дастовард натиҷаи заҳмати дастҷамъонаи кормандони шуъба ва ҳамкории самаранок бо сохторҳои даҳлдор буда, заминаи устувор барои фаъолияти боз ҳам пурмаҳсул дар соли 2026 фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, бо сардори шуъбаи кор бо ҷавонон Ҷаъмахон Ҷангиев доир ба ин ва дигар мавзую масъалаҳо ҳамсуҳбат шудем:

**- Боиси сарфарозист, ки шуъбаи кор бо ҷавонони ДДМИТ дар номинатсияи "Беҳтарин шуъбаи кор бо ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар соли 2025" сазовори диплом ва тӯҳфаҳои хотиравӣ гардид. Чӣ гуна ба ин муваффақият ноил гардидед?**

- Пеш аз ҳама, ин дастовард натиҷаи заҳмати дастҷамъонаи роҳбарият, раёсати ташкилию тарбиявӣ, кормандони шуъба, устодон ва худи ҷавонони фаъоли донишгоҳ мебошад. Шуъбаи кор бо ҷавонон фаъолияти худро дар заминаи сиёсати давлатии ҷавонон, ҳамкорӣ бо сохторҳои марбута ва татбиқи барномаҳои тарбиявию маърифатӣ ба роҳ мондааст.

Мо ҳамкории доимӣ ва густурдаро бо Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, бо Раёсати ҷавонони шаҳри Душанбе ва шуъбаи кор бо ҷавонони ноҳияи Сино дуруст ба роҳ мондаем. Ин ҳамкорӣ ба баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, таҳкими ҳисси ватандӯстӣ, ҷалби ҷавонон ба корҳои созандагию ободонӣ ва ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ мусоидат намуд.

Танҳо дар як соли охир бо ташаббуси шуъба 87 чорабинии гуногун, аз ҷумла 13 семинар, 6 мизи мудаввар, 15 ҳамоиши сиёсӣ, 23 чорабинии фарҳангӣ, 15 чорабинии таблиғотӣ ва 15 мусобиқаи варзишӣ ташкил ва баргузор гардид. Ин нишондиҳандаҳо ва натиҷаҳои амалӣ аз ҷониби кумита ба инобат гирифта шуда, шуъба ба унвони фахрии "Беҳтарин шуъбаи кор бо ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар соли 2025" сарфароз гардонида шуд.

**- Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ҳуҷҷати муҳими стратегӣ роҳнамои ҷавонон дар роҳи худшиносӣ, ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мебошад. Дар ин маврид корҳои тарғиботӣ дар кадом сатҳ қарор дорад?**

- Бешубҳа, Паёми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади муҳими сиёсӣ ва барномавӣ мебошад, ки самтҳои асосии рушди давлат ва ҷомеаро муайян месозад.

Дар донишгоҳ нақшаи муфассали чорабиниҳо ҷиҳати татбиқи бандҳои Паём таҳия гардида, шуъбаи кор бо ҷавонон дар ҳамбастагӣ бо ҷавонони фаъол, ташкилоти ибтидоии ҷавонон ва сохторҳои тарбиявӣ корҳои тарғиботиро дар сатҳи баланд ба роҳ мондааст.

Баргузории мулоқотҳои маърифатӣ, конфронсҳо, семинарҳои фаҳмондадиҳӣ ва суҳбатҳои озод бо донишҷӯён ба баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандии онҳо мусоидат мекунад.

**- Имрӯзҳо истифодабарандаи асосии шабакаҳои иҷтимоӣ ҷавонон мебошад. Ин масъала чӣ ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбат дорад?**

- Шабакаҳои иҷтимоӣ имрӯз як фазои муҳими иттилоотӣ мебошанд, аз як ҷониб, онҳо имкони дастрасӣ ба дониш, мубодилаи таҷриба, ташкили муҳокимаҳои илмӣ ва маърифии дастовардҳоро фароҳам меоранд.

Аз ҷониби дигар, хатари паҳншавии иттилооти бардурӯғ, таъсири ғояҳои ифротӣ ва коҳиши фарҳанги муошират низ ҷой дорад. Аз ин рӯ, вазифаи мо тарбияи фарҳанги истифодаи дуруст ва бо масъулияти шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Мо тавассути семинарҳо ва вохӯриҳои иттилоотӣ ҷавононро ба тафаккури дурусти инсонӣ ва истифодаи созандаи фазои маҷозӣ ҳидоят менамоем.

**- Ғамхорӣ ба насли ҷавон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор меравад. Саҳми шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ дар пешбурди ин сиёсат дар чӣ ифода меёбад?**

- Саҳми шуъбаи кор бо ҷавонон, пеш аз ҳама, дар ташкили муҳити мусоиди тарбиявию иҷтимоӣ ифода меёбад. Мо барои рушду такмили қобилияти зеҳнӣ, фарҳангӣ ва ҷисмонии донишҷӯён шароити заруриро фароҳам месозем.

Ташкили маҳфилҳои илмӣ-зеҳнӣ, барномаҳои волонтёрӣ, аксияҳои хайриявӣ ва чорабиниҳои ватандӯстона аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки фаъолияти мост. Ҳадафи асосӣ тарбияи ҷавони худогоҳ, масъул ва дорои мавқеи устувори шаҳрвандӣ мебошад.

**- Дар Стратегияи рушди ДДМИТ барои солҳои 2025-2030 ба масъалаи дастгирии ҷавонон кадом дурнамо ва нишондиҳандаҳо ҷой дорад?**

- Дар Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030 масъалаи ҷавонон ҳамчун самти афзалиятнок муайян гардидааст. Аз ҷумла, баланд бардоштани сатҳи иштироки ҷавонон дар идоракунии донишгоҳ, дастгирии ташаббусҳои инноватсионӣ, густариши ҳаракати волонтёрӣ, таҳкими инфрасохтори варзишӣ ва рушди иқтидори роҳбарии ҷавонон пешбинӣ шудааст. Нишондиҳандаҳои мушаххас ҷалби бештари донишҷӯён ба чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва боло бурдани сатҳи дастовардҳои илмӣ ва варзиширо дар бар мегиранд.

**- Чанд сухан дар бораи тадбирҳои судманд баҳри тарбияи насли худогоҳ тавассути варзиш иброз медоштед.**

- Варзиш омили муҳими ташаккули ирода, интизом ва руҳияи дастҷамъӣ мебошад. Дар соли таҳсили 2025 Шӯрои варзишгарони донишгоҳ 20 чорабинии дохилидонишгоҳиро баргузор намуда, инчунин, иштироки дастаҳоро дар 22 мусобиқаи ноҳиявӣ, шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ таъмин кард.

Ин тадбирҳо на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷисмонӣ, балки ба тарбияи ҳисси масъулият, ҳамдигарфаҳмӣ ва ватандӯстӣ мусоидат намуданд.

**Мо дар арафаи 30-солагии таъсисёбии донишгоҳ қарор дорем. Шуъбаи кор бо ҷавонон чӣ нақшаҳои созандаро пеш гирифтааст?**

- Таҷлили 30-солагии донишгоҳ барои мо рӯйдоди муҳими таърихӣ мебошад. Бо ин мақсад, як қатор ташаббусҳои созанда роҳандозӣ мегарданд:

- Ташкили гурӯҳҳои кории фарҳангӣ, иттилоотӣ ва волонтёрӣ;
- Баргузории мусобиқаҳои варзишӣ таҳти унвони «30 сол - саломатӣ, ҳамкории коллективӣ ва рушди истеъдодҳо»;
- Ташкили гурӯҳи волонтёрони ҷашнӣ таҳти унвони «30 соли ҳамкории ҷавонон ва хизмати волонтёрӣ»;
- Намоиши дастовардҳои варзишии донишгоҳ бо унвони «30 соли тавоноӣ ва истеъдод»;
- Омодасозии маводи иттилоотию таблиғотӣ (роликҳо, брошюраҳо, нашрияҳо) таҳти унвони «30 соли таҷриба ва дастовардҳо дар назари ҳамагон».

Мо итминон дорем, ки бо дастгирии роҳбарияти донишгоҳ ва саҳми фаъоли ҷавонон ин санаи муҳими таърихиро дар сатҳи баланд таҷлил намуда, саҳифаи нави рушди созандаро боз хоҳем кард.

**Мусоҳиб:**
**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# АКСИЯ: ТАҚДИМИ 100 НУСХА “ШОҲНОМА”

Бо ибтикори кафедраи фаъолияти бонкии факултети молия ва қарзи ДДМИТ 12-уми феврал бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳадяи китоб, ки ҳамасола 14-уми феврал дар саросари ҷаҳон қайд карда мешавад, аксияи тарғиботӣ миёни кормандону устодони донишгоҳ доир гардид.

Зимни баргузории ин иқдом 100 нусха шоҳасари «Шоҳнома”-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дастрас карда шуд, ба раёсати донишгоҳ, садорати факултетҳо, масъулини раёсату шуъбаҳои



донишгоҳ ва омӯзгорон тақдим гардид.

Ин иқдом, ҳамзамон, ҷузъи муҳими барномаи 30-солагии донишгоҳ махсуб ёфта, ҳадафи он баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва тақвияти худогоҳиву худшиносии донишҷӯёну омӯзгорон ва тарғиби ташаббуси Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Кафедраи фаъолияти бонкӣ дар назар дорад, ки чунин ташаббусҳоро пайваста роҳандозӣ намуда, дар рушду нумуи маънавӣ ва фарҳангии аҳли донишгоҳ саҳми бештар гузорад.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

# ҲАМОИШИ ИЛМӢ БАХШИДА БА РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲАДЯИ КИТОБ

Рӯзи 11 феврали соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо ташаббуси китобхонаи илмӣ дар ҳамкорӣ бо кафедраи фанҳои гуманитарӣ ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳадяи китоб (14 феврал) ҳамоиши илмӣ таҳти унвони “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” доир гардид.

Ин чорабинӣ бо ҳадафи баланд бардоштани фарҳанги китобхонӣ, ҷалби ҷавонон ба мутолиа ва ҳавасмандсозии ҷомеа барои эҳдои китоб ба донишҷӯён роҳандозӣ гардид. Ҳамчунин, ба ҳамин муносибат дар китобхонаи илмии ДДМИТ гӯшаи “Асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон” ифтитоҳ ёфт.

Ҳамоишро сардори раёсати илм ва инноватсия Ҷовидон Халифазода ифтитоҳ намуда, дар бораи ташаббусҳо ва ғамхориҳои Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди китобхондану китобдорӣ, боло бурдани мақоми китоб ва тақвияти маънавиёти ҷомеа сухан ронд. Ӯ зикр кард, ки «Китоб сарчашмаи асосии дониш буда, инсон бе мутолиаи пайваста ба ҳеҷ як марому мақоми шоиста расида наметавонад».

Ҷовидон Халифазода афзуд, ки дар солҳои охир иқдомҳои созандаи Роҳбари давлат, аз ҷумла, тухфа гардидани асарҳои арзишманди “Тоҷикон” ва “Шоҳнома” ба ҳар як хонаводаи кишвар гувоҳи таваҷҷуҳи хоссаи роҳбарияти олии мамлакат ба китоб ва фарҳанги мутолиа мебошад.

Сипас, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ Фирӯза Абдувоҳидова дар мавзуи “Китоб - манбаи кушоиши ҳама мушкилот” бо маърузаи пурмуҳтаво баромад намуд. Ӯ таъкид кард, ки ҳадяи китоб яке аз амалҳои неку писандида дар ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Ба андешаи номбурда, Рӯзи байналмилалии ҳадяи китоб барои ташвиқи мардум ба эҳдо ва мубодилаи китобҳо хизмат мекунад.

Фирӯза Абдувоҳидова инчунин, зикр намуд, ки ҳадяи китоб на танҳо туҳфаи маънавӣ, балки воситаи муҳиме барои рушди тафаккур, густариши ҷаҳонбинӣ ва баланд бардоштани савияи фарҳан аст. Ба гуфти мавсуф, ин рӯз ҳама дӯстдорони китобро муттаҳид менамояд, муҳаббат ба мутолиаро ташаккул медиҳад, китобхонаҳоро ғанӣ месозад ва нишон медиҳад, ки китоб ҳатто дар асри рақамӣ низ ҳамчун беҳтарин туҳфа арзиши худро ҳифз кардааст.

Дар идома устоди дигари ин кафедра Абдулхайр Маҳмудов дар мавзуи “Китоб - беҳтарин дӯсти беминнат” баромад намуда, афзуд, ки китобҳо инсонро ба ҷаҳони маърифат мебаранд, тафаккурро равшан мекунанд, тахайюлро парвариш медиҳанд ва ба инсон нерӯи маънавӣ эҳдо менамоянд.

Ӯ афзуд, ки мутолиа роҳест барои раҳоӣ аз ташвишу ғам, пайдо кардани таҷриба ва рушди ҷаҳонбинӣ: «Бесаводӣ дар замони муосир на аз надонистани ҳарфҳо, балки аз нахондану мутолиа накардан сар мезанад».

А. Маҳмудов ёдовар шуд, ки анъанаи эҳдои китоб ва ғанигардонии китобхонаҳо дар фарҳанги тоҷикон решаи амиқ дорад. Дар даврахои гу-



ногуни таърихӣ аз Мовароуннаҳру Хуросон то марказҳои бузурги илмӣ китобхонаҳо на танҳо ба донишмандону мансабдорони замон, балки ба аҳли камбизоат ва тамоми қишрҳои ҷомеа дастрас буданд. Ин анъана имрӯз низ идома ёфта, қисме аз худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба маърифат ба шумор меравад.

Муаллимаи кафедраи фанҳои гуманитарӣ Сайёра Аҳмедова бошад, дар мавзуи “Китобро ҳофизаи башарият хондаанд” маъруза карда, иброз дошт, ки гар китоб намебуд, таърихи инсонӣ, дастовардҳои илмӣ, осори фарҳангӣ ва андешаҳои ҳакимону мутафаккирон то ба замони мо намерасиданд.

Ба гуфтаи ӯ, китоб боиси пайванд кардани наслҳо, нигоҳ доштани хотираи таърихӣ ва муҳофизати арзишҳои милливу умумибашарӣ мегардад.

Дар қисмати музокира устодони кафедра Саъдулло Носиров ва Асадулло Муллоҷонов бо андешаҳои пурмуҳтаво ва пешниҳодҳои созанда баромад карданд. Онҳо зарурати рушди китобхонӣ миёни ҷавонон, истифодаи васеи китобхонаҳои электронӣ, тарбияи фарҳанги мутолиа дар оила ва таъсиси китобхонӣ дар донишгоҳро таъкид намуданд.

Устодон Фирӯза Абдувоҳидова ва Саъдулло Носиров дар навбати худ чанд китоб ба хазинаи китобхонаи илмии донишгоҳ тақдим намуданд.

Дар анҷоми чорабинӣ аз ҷониби ташкилкунандагон ба донишҷӯёни фаъоле, ки дар олимпиадаҳо, озмунҳои илмӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ пайваста иштирок менамоянд, китобҳо ҳамчун туҳфа супурда шуданд. Ин иқдом ба хотири ҳавасмандсозии ҷавонон, дастгирии донишҷӯёни фаъол ва ташвиқи мутолиа роҳандозӣ гардид.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# ТАРҒИБИ КИТОБХОНӢ



Ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳадяи китоб, ки ҳамасола 14-уми феврал дар саросари ҷаҳон қайд карда мешавад, бо ибтикори раёсати илм ва инноватсия ва китобхонаи илмии донишгоҳ ҷамъомад доир гардид.

Сараввал, муовини ректор илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимов ва муовини ректор оид ба тарбия Шаҳноза Ғаффорова дар бораи аҳамияти китобу китобхонӣ, баланд бардоштани савияи дониши ҷавонон ба воситаи мутолиаи китоб изҳори андеша намуданд. Ҳамзамон, гуфта шуд, ки аҷдодони мо аз қадим ба китобу китобхонӣ арҷ гузошта, онро муқаддас медонистанд ва ин анъана то ба имрӯз омада расидааст.

Профессори кафедраи забони тоҷикӣ Наргис Аслонова аз «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ ёдовар шуда, дар бораи аҳамияти китобу китобхонӣ, баланд бардоштани савияи дониши ҷавонон дар самти мутолиаи китоб андешаҳои ҷолиб баён намуда, гуфт, ки китоб дӯст, ҳамдам, ҳамнафас, ҳамроз, ҳамдил ва ҳамболи инсон аст.

Бояд эътироф кард, ки баргузории дар чунин чорабинии тақдими китоб барои дӯстдорони мутолиа зарур буда, он дар тарбияи маънавии донишҷӯёну ҷавононони боистеъдод мусоидат менамояд.

Дар охири ҷамъомад устодон Ҷовидон Халифазода, Гулпарӣ Ҳусейнова, Ҷумъа Махшул, Азизулло Исматуллозода ва дигарон дар бораи муҳимияти китобу китобхонӣ андешаҳои худро баён намуда, ба китобхона ва донишҷӯёни фаъол китобҳо тақдим намуданд.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# ИЛМИ БЕАМАЛ ЗАҲРЕСТ БЕ НӮШ



Кафедраи забони русии ДДМИТ фаъолияти худро дар асоси дастуру паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ба роҳ мондааст.

Тибқи нақшаи чорабиниҳои донишгоҳӣ бо иштироки аксари мутахассисон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар кафедра мизҳои мудаввар баргузор гардида, дар он олимон ва донишҷӯён оид ба масъалаҳои мубрами рӯз маъруза мекунанд. Устодони кафедра корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бурда, оид ба масъалаҳои гуногун конференсияҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ баргузор менамоянд.

Қобили тазаккур аст, ки дар назди кафедраи забони русӣ маҳфили илмии донишҷӯён - «Забони русиро омӯзед» амал мекунад.

Кафедра дорои базаи тавонои интеллектуалӣ, моддию техникӣ ва кадрӣ буда, дар тайёр намудани мутахассисон, омӯзгорони ботаҷриба, ба даст овардани дараҷаи илмӣ ва омода намудани мутахассисон дар бозори меҳнат саҳми арзанда мегузорад.

Устодони кафедра соли 2025 дар Барномаи "Ҳафтаи забони русӣ дар Тоҷикистон ", ки бо ташаббуси Бунёди "Русский мир", Донишкадаи давлатии забони русии ба номи А.С. Пушкини Федератсияи Россия ва Маркази омӯзишии "Златоуст", ки бо ташаббуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташкил шуда буд, иштирок намуда, соҳиби сертификатҳо гардиданд. Дар ин росто, кафедра бо тамоми муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи зичи илмӣ дошта, дар таҳияи маводи илмӣ ва китобҳои дарсӣ ҳамкории зич дорад. Ҳамчунин, кафедра бо Бунёди «Русский мир» ҳамкории зичро ба роҳ мондааст.

Боиси хурсандист, ки устоди кафедра Ҷумъа Махшулов дар даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бо шогирдонашон Нурбекова Таманно ва Ҳомилзода Эҳсонҷон иштирок намуда, бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми ҶТ сарфароз гардонида шуданд. Мудири кафедра Гулшан Наврӯзова пайваста ба ҳайси муқаррази расмӣ аз рӯйи ихтисоси педагогика интихоб мегардад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки аз тарафи устодони кафедра дар соли таҳсили 2025-2026 ба миқдори 44 маводи илмӣ-методӣ ба нашр расонида шуд. Аз ин миқдор 4 мақолаи аз тарафи КОА эътирофшуда, 13 маводи дар маҷаллаҳои байналмилалӣ, 20 адад дар маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ва 11 мақолаи дар конфронси донишгоҳӣ чопшуда ба шумор меравад.

Кафера пайваста ба масъалаи такмили ихтисоси устодони кафедра маъмурияти кафедра диққати ҷиддӣ медиҳад, зеро такмили ихтисоси устодон ҳамеша барои такмили донишу маҳорати устодон замина месозад.

Мусаллам аст, ки ҳамасола тибқи нақшаи дурнамои такмили ихтисос устодони кафедра аз курсҳои такмили ихтисос мегузаранд. Аз ҷумла, мудири кафедра Гулшан Наврӯзова моҳҳои октябр-ноябри соли гузашта курси пурраи такмили ихтисосро аз рӯйи равияи "Педагогика ва психология" гузашта, соҳиби диплом гардид.

Боиси тазаккур аст, ки 23-юми январи соли 2025 бо ҳамбастагӣ бо кафедраҳои забонҳои хориҷӣ ва тоҷикӣ дар мавзуи «Нақши забони давлатӣ ва таъсири он ба забонҳои хориҷӣ» семинари илмӣ-амалӣ ва инчунин, тибқи ҷадвали тасдиқшуда дар якҷоягӣ бо кафедраи забонҳои хориҷӣ 30 сентябри соли 2025 дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити муосир» конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ баргузор гардид, ки дар кори он устодон аз макотиби олии Федератсия Русия - Токарев Григорий Валерьевич, Приходько Елена Валерьевна ва Анжелина Викторовна Королькова мустақиман баромад намуданд.

Умуман, давоми соли 2025 ду семинари илмӣ-методӣ таҳти унвони «Омӯзиши ибораҳои иқтисодӣ дар дарси забони русӣ дар донишгоҳҳои иқтисодӣ» ва «Истифодаи усулҳои инноватсионии таълим дар раванди инкишофи нутқи донишҷӯён» гузаронида шуд.

Бояд гуфт, ки дар назди кафедраи забони русӣ маҳфили илмии донишҷӯён амал менамояд. Ҳамчунин, қайд кардан ҷоиз аст, ки таҳти роҳбарии дотсент Наврӯзова Г.Т. рисолаи илмии унвонҷӯ, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ Мирзоев Акрам дар мавзуи "Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ" ба анҷом расида, дар арафаи муҳокимаи пеш аз дифоъ қарор дорад.

Ҳамзамон, дотсенти кафедра Махшулов Ҷ. дар озмуни байналмиллалии "Русская премия" дар номинатсия "Поэзия. 10 уроков Хайяма" ширкат варзида истодааст. Натиҷаи озмун моҳи майи соли 2026 ба нақша гирифта шудааст, ки натиҷаҳои нишондоди қаблии устод Махшулов Ҷ. аз рӯи таҳлилҳо назаррас мебошанд.

Омӯзгорони кафедра Дрозденко Л.А. барои фаъолияти бенуқсони педагогӣ бахшида ба Рӯзи Модар ва Қайсова Ш.А. барои саҳми арзанда дар тарбияи насли наврас бахшида ба Иди байналмиллаии Наврӯз бо Сипосномаи раёсати донишгоҳ ва Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дотсенти кафедра Махшулов Ҷ. роҳбарии маҳфили "Сайри сухан"-ро дар донишгоҳ ба уҳда дошта, дар тайёр намудани шогирдон ба озмунҳои гуногуни сатҳи донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ ва гузаронидани ҳамаи чорабиниҳои фарҳангию тарбиявӣ фаъолият мебарад.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар гардидани кори тарбиявӣ аз ҷумла, дарсҳои тарбиявӣ ва баланд бардоштани сифати тарбияи ҷавонон устодони кафедра бо донишҷӯён суҳбату машваратҳои доимӣ мегузаронанд.

Бо мақсади ба амал татбиқ намудани "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" кафедраи забони русӣ тасмим гирифтааст, ки корро дар самти таълиму тарбия боз ҳам хубтар ба роҳ монда, баҳри баланд бардоштани дараҷаи савияи дониш ва таҷрибаи кории устодони кафедра ташкил ва фиристонидани онҳо ба курсҳои махсуси такмили ихтисос ба хориҷи кишвар тадбирҳо андешад.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР САМТИ РУШДИ БОНКДОРӢ

Мавриди зикр аст, ки шароити доим тағйирёбии босуръати равандҳои иқтисодию молиявии ҷаҳонӣ ва афзоиши рақобатҳои геоиқтисодӣ, таҳримҳои пай дар пайи молиявию иқтисодӣ нақши сиёсати давлатӣ дар таҳкими устувории молиявӣ ва рушди низоми бонкӣ аҳамияти беандоза дорад. Дар ин самт Паёми солонаи Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ ҳамчун санади стратегӣ омаи намуда, ҳадафҳои рушди макроиқтисодиро муайян ва ба низоми молиявӣ ва бонкӣ самтҳои мушаххаси ислоҳотро пешниҳод менамояд.

Масъалаҳои суботи макроиқтисодӣ, рушди соҳибкорӣ, тақвияти танзими молиявӣ ва инноватсия дар хизматрасониҳои молиявӣ, ки дар Паёми соли 2024 ба миён гузошта шуда буданд, дар Паёми соли 2025 шакли амалӣ гирифта, тавассути супоришҳои мустақим ба Вазорати молия, Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи андоз ва дигар ниҳодҳо бо ҳадафҳои равшан (рақамикунонӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ, рушди бозори сармоя, ҷалби сармоя ва қарздиҳӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ) мушаххас шуданд, яъне дастуру супоришҳои дар Паёми соли 2024 баёнгардида барои низоми бонкии кишвар «чорчӯбаи стратегӣ»-ро муқаррар намуданд, дар ҳоле ки Паёми соли 2025 «механизмҳои амалисозии» онҳоро тавассути супоришҳои бевосита ба сохторҳои марбута фаъол месозад.

Дастуру супоришҳои Пешвои миллатро барои низоми бонкӣ, ки аз Паёми имсола бармеоянд, метавон чунин қисматбандӣ намуд:

1. Рақамикунонӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ

Дар Паёми Пешвои миллат таъкид намуданд, ки рақамикунонӣ ҳамчун воситаи кам кардани таъсири омилҳои инсонӣ ва боло бурдани шаффофияти муносибатҳои молиявӣ баромад мекунад.

Барои бонкҳо ин раванд ба афзоиши амалиётҳо, васеъшавии пойгоҳи муштариён ва болоравии устувории пасандозҳо таъсир мерасонад.

2. Рушди бозори сармоя ва коғазҳои қиматноки «сабз»



Пешвои миллат дар Паёми имсолаи худ рушди бозори сармояро ҳамчун як самти мустақили сиёсати молиявӣ муқаррар намуданд ба масъала иқтибосҳои калидӣ аз Паём чунинанд:

3. Қарздиҳӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ: мушкилот ва супоришҳои нав

Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2025 нуқтаи хеле муҳимро баён намуданд: сарфи назар аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда (143 млрд.сомонӣ), ҳиссаи қарзҳо ба соҳибкории истеҳсолӣ (ҳамагӣ 38%) ҳанӯз нокифоя аст. Бо мақсади тақвият бахшидан ба раванди таъмини соҳибкории истеҳсолӣ ба қарз аз тарафи Пешвои миллат ба Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ супориши мустақим дода шуд.

Барои амалишавии ин дастури Пешвои миллат низоми бонкиро зарур аст, ки такмили механизми баҳодиҳии лоиҳаҳои истеҳсолӣ, рушди қарзҳои дарозмуддат ва арзон, инчунин дастгирии кафолатнокӣ ва суғуртаи хавфҳоро ба роҳ монад.

4. Фонди кафолати қарзҳо ҳамчун воситаи ҳалли мушкили гарав ва хавф

Ғояи хеле муҳими институтсионалӣ дар Паёми имсолаи Пешвои миллат – ин таъсиси Фонди кафолати қарзҳост.

Барои бонкҳо ташкили чунин механизм маънои коҳиши хавфи қарзӣ, афзунгардии сандуқи қарзҳои истеҳсолӣ ва беҳтар шудани дастрасии соҳибкорон ба маблағҳои дарозмуддатро дорад.

5. Такмили бозори ипотека ва васеъ шудани дастрасӣ ба манзил

Дигар самти муҳиме, ки дар Паёми соли 2025 ироа гардиду барои низоми бонкӣ хеле саривақтист, ин супориш оид ба такмили ипотека мебошад:

Барои низоми бонкӣ ипотека на танҳо маҳсулоти иҷтимоӣ, балки як воситаи муҳими тавсеаи бозори қарзҳои дарозмуддат, идоракунии сандуқи қарзии устувор ва рушди хизматрасониҳои молиявии чаканаро ташкил медиҳад. Лекин дар баробари ин рушди қарздиҳии ипотекӣ талаб менамояд, ки бозори дуюмдараҷаи ипотека, баҳодиҳии амвол, суғуртаи амвол/қарз ва меъёрҳои шаффофи ҳисоботдиҳӣ такмил дода шаванд.

Дар умум, омӯзишу таҳлили Паём нишон медиҳад, ки дастуру супоришҳои Пешвои миллат барои низоми бонкии Тоҷикистон аҳамияти калидӣ дошта, афзалиятҳои стратегии фаъолияти онҳоро муайян месозад. Иҷрои пайгиронаи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи ташкилотҳои қарзии кишвар метавонад ба натиҷаҳои зерин оварда расонад:

- баланд шудани фарогирии молиявӣ ва сатҳи шаффофият;
- беҳтар шудани муҳити сармоягузорӣ ва ҷалби сармоя;
- афзоиши қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт;
- рушди бозори сармоя ва диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ;
- ташаккули механизмҳои нав (кафолат, ипотека) барои дастрасӣ ба маблағҳои дарозмуддат.

Сабрина САФАРОВА,
ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омории ДДМИТ

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети донишҷӯии Нарзуллоев Мубориз Зайдуллоевич - донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010300, иқтисоди ҷаҳони факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Мирзоев Усмоналӣ Холалиевичович - донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010401, ихтисоси молияи факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Маҳмадизода Муҳаммади Мурод - донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010401, ихтисоси молияи факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Исмоилзода Некрӯз Аҳлиддин - донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010728, ихтисоси иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои хурду миёнаи факултети иқтисодиёт ва идоракунии давлатии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Раҷабалиев Ҷамшед Шамсиддинов - донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010728, ихтисоси иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои хурду миёнаи факултети иқтисодиёт ва идоракунии давлатии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Ятимов Ҳабибулло Муродалиевич - донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-960110, хадамоти гумруки факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Исматов Аминҷон Сайфиддинович - донишҷӯи курси 1, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010404, суғуртаи факултети иқтисод ва идоракунии давлатии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Абдухалилов Фазлиддин Фарҳодҷонович - донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-131030407, технологияи иттилоотии низомҳои молиявии факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Файзализода Одилшоҳ Дилшод - донишҷӯи курси 1, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-26010303, идораи молияи давлатии МИБ-и ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Авғонов Мубориз Икромуддинович, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010407, молия ва қарз дар фаъолияти иқтисодиёти берунаи МИБ-и ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

Билети донишҷӯии Достиев Сафаралӣ Худойдодович - донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010202, иқтисодиёти молиявӣ ва бонкии факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Орипов Амирҷон Мираҳмадович - донишҷӯи курси 1, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-960101, хадамоти гумруки факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Давлатов Муҳаммадҷон Ҳомидҷонович - донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-250103, иқтисодиёти ҷаҳони факултети МИБ-и ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Шокиров Зокирҷон Абдуҳалимович - донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-250103, иқтисодиёти ҷаҳони факултети МИБ-и ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Каримов Шаҳром Баҳромович - донишҷӯи курси 1, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010404, суғуртаи факултети факултети иқтисод ва идоракунии давлатии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи донишҷӯии Қурбонов Музаффар Шералиевич - донишҷӯи курси 4, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010401, ихтисоси молияи факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Қосимов Амирҷон Раҳматуллоевич - донишҷӯи курси 1, шуъбаи рӯзона ихтисоси 1-26 0103001 факултети иқтисод ва идоракунии давлатии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор сокит дониста шавад.

***

Билети №1130458, ки кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касабаи донишгоҳ аз 24 05 2023 ба Камолова Бибизайнаб Маҳмарабиевна, корманди раёсати маъмурию хоҷагидории донишгоҳ додааст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста мешавад.

Камоли одамӣ дар илм бошад
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**ИНТИХОБИ МАН - ДДМИТ!**

# НАРХНОМАИ ТАҲСИЛ ДАР ГУРӮҲҲОИ ШАРТНОМАВӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСҲО ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 2026-2027

| | Номгӯи ихтисосҳо | Рамзи ихтисос | Рӯзона бакалавр | Рӯзона магистр | Фосилавӣ бакалавр | Маълумоти дуюм мутахассис |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Андоз ва андозбандӣ | 1-25010403 | 5880 | 4840 | 4600 | 4030 |
| 2. | Кори бонкӣ | 1-25010402 | 5880 | 5070 | 4600 | 4040 |
| 3. | Суғурта | 1-25010404 | 4250 | - | - | - |
| 4. | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 1-250103 | 5190 | 5070 | 4400 | - |
| 5. | Омор | 1-250105 | 4030 | - | - | - |
| 6. | Менеҷмент | 1-260202 | 4960 | 4610 | 3690 | 3500 |
| 7. | Идораи давлатӣ | 1-260101 | 4030 | 3500 | 3400 | 3400 |
| 8. | Фаъолияти гумрукӣ | 1-960101 | 5770 | 5000 | 4610 | 4030 |
| 9. | Иқтисодиёти таҳлилӣ | 1-25010201 | 4270 | - | - | - |
| 10. | Иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ | 1-25010202 | 5770 | 4610 | 4610 | - |
| 11. | Таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ | 1-96010101 | 5770 | - | 4610 | - |
| 12. | Ҳуқуқи иқтисодӣ | 1-240103 | 5190 | 4610 | 4030 | 4040 |
| 13. | Танзими ҳуқуқии молия ва қарз | 1-24010302 | 5190 | - | 4030 | - |
| 14. | Иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои хурду миёна | 1-25010728 | 4030 | - | - | - |
| 15. | Молия ва қарз дар фаъолияти иқтисодиёти берунӣ | 1-25010407 | 4610 | 4610 | 4270 | - |
| 16. | Бозори фондӣ | 1-25010408 | 4030 | - | - | - |
| 17. | Менеҷменти молиявӣ | 1-25010410 | 4840 | - | 3695 | - |
| 18. | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо | 1-25010801 | 5420 | - | - | - |
| 19. | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ | 1-25010803 | 5880 | - | - | - |
| 20. | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 1-250108 | 5880 | 4850 | 4600 | 4040 |
| 21. | Менеҷменти байналмилалӣ | 1-26020202 | 4610 | - | - | - |
| 22. | Технологияҳои иттилоотии идора дар иқтисодиёт | 1-3103060104 | 4840 | - | - | - |
| 23. | Технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт | 1-40010202 | 4840 | - | 3690 | 3460 |
| 24. | Информатикаи иқтисодӣ | 1-250112 | 4030 | - | 3690 | - |
| 25. | Таъмини иқтисодии фаъолияти гумрукӣ | 1-96010102 | 5880 | - | - | - |
| 26. | Аудит ва ревизия | 1-250111 | 5530 | 4840 | 4610 | 4040 |
| 27. | Молия ва назорат дар соҳаи фаъолияти гумрук | 1-25010409 | 5880 | 4890 | 4600 | - |
| 28. | Инвеститсияҳои байналмилалӣ | 1-25010305 | 4610 | - | - | - |
| 29. | Менеҷменти инвеститсионӣ | 1-26020208 | 4260 | - | - | - |
| 30. | Логистика | 1-26020323 | 4030 | - | - | - |
| 31. | Кори реклама | 1-230102-0303 | 4030 | - | - | - |
| 32. | Технологияи иттилоотии ҳисоби бухгалтерӣ | 1-4001020201 | 4840 | - | - | - |
| 33. | Технологияҳои иттилоотии низомҳои молиявӣ | 1-31030407 | 4840 | - | - | - |
| 34. | Менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ | 1-26020210 | 4030 | - | - | - |
| 35. | Идоракунии молияи давлатӣ | 1-26010303 | 4840 | 4610 | - | - |
| 36. | Танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ | 1-26010301 | 4610 | - | 4040 | - |
| 37. | Бизнес-маъмуриятчигӣ | 1-260201 | - | 5195 | - | - |
| 38. | Молия ва қарз | 1-250104 | 5880 | 5190 | 4600 | 4040 |
| 39. | Низоми технологияи иттилоотӣ | 1-400102 | - | 4620 | - | - |
| 40. | Иқтисодиёти рақамӣ | 1-25010204 | 4840 | - | 4040 | - |
| 41. | Бехатарии иқтисодӣ | 1-96010103 | 4610 | - | - | - |
| 42. | Кибернетикаи иқтисодӣ (технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт) | 1-310306-02 | 4610 | - | - | - |
| 43. | Амнияти компютерӣ (усулҳои риёзӣ ва системаҳои барномавӣ) | 1-98010101 | 4610 | - | - | - |
| 44. | Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ | 1-260102 | 5190 | - | 4600 | - |
| 45. | Идораи мақомоти маҳаллӣ | 1-26010101 | 4610 | - | - | - |
| 46. | Идораи давлатӣ ва иқтисодиёт | 1-260103 | 5190 | - | - | - |
| 47. | Назорати давлатии молиявӣ | 1-25010412 | 5190 | - | 4400 | - |
| 48. | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | 1-250107 | 5480 | 4720 | 4610 | - |
| 49. | Иқтисодиёт ва молияи бозори амвол ва манзил | 1-25010205 | 5190 | - | - | - |
| 50. | Иқтисодиёт ва молияи корхонаҳои хоҷагии шаҳр | 1-25010206 | 5220 | - | - | - |
| 51. | Иқтисодиёт ва молияи хоҷагии манзилию коммуналӣ | 1-25010207 | 5220 | - | - | - |
| 52. | Менеҷменти лоиҳаҳои рақамӣ | 1-26020225 | 4840 | - | - | - |
| 53. | Иқтисодиёти сабз | 1-25010734 | 4610 | - | - | - |
| 54. | Иқтисодиёт | 1-250102 | 4610 | - | - | - |
| 55. | Ҳуқуқи андозу бонкӣ | 1-24010204 | 4610 | - | - | - |
| 56. | Танзими ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия | 1-24010221 | 4610 | - | - | - |
| 57. | Зеҳни сунъӣ | 1-400301 | 4610 | - | - | - |
| 58. | Молшиносӣ ва муоинаи мол | 1-250109 | 4610 | - | - | - |
| 59. | Баҳисобгирии молиявӣ ва назорат дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | 1-25010819 | 5880 | - | - | - |
| 60. | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат | 1-25010805 | 5880 | - | - | - |

**ИНТИХОБИ ДОНИШГОҲИ МО - КАФИЛИ МУВАФФАҚИЯТҲОИ ШУМО!**

**Маълумоти муфассалро дар сомонаи донишгоҳ ва саҳифаҳо дар сомонаҳои иҷтимоӣ дастрас намоед: www.tgfeu.tj**
**Суроға: 734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.**
**Тел.: 231-08-43, 93-804-88-11.**

**Нақлиёт: автобуси №18, 20, 29, 10. Троллейбуси №5.**
**Микроавтобусҳои №2, 10, 14, 19, 54, 45, 56, 6.**
**Истгоҳи ДДМИТ**